# КОДЕКСИ РАСМИЁТИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929)

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мақсади Кодекс

1. Кодекси мазкур тартиби таҳия, қабул ва иҷрои санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ, баррасии ариза ва шикоятҳои маъмурӣ, мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд, ҳамкории мақомоти маъмуриро муайян менамояд(*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

2. Мақсади Кодекс таъмини риояи волоияти қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият, давлат ва шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти маъмурӣ мебошад.

### Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Кодекси мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- мақомоти маъмурӣ - мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳраку деҳот, инчунин ҳама гуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки дар асоси қонун ваколатҳои оммавии ҳуқуқиро иҷро менамояд;

- мақомоти маъмурии коллегиалӣ - мақомоти маъмурии иборат аз якчанд аъзо буда, тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳайати коллегиалӣ масъалаҳоро баррасӣ намуда, қарорҳо қабул менамоянд;

- тарафи манфиатдор - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, мақомоти маъмурӣ, ки нисбати онҳо санади ҳуқуқии маъмурӣ қабул гардидааст, инчунин санади ҳуқуқии маъмурӣ ё амалҳои мақомоти маъмурӣ, ки ба манфиатҳои қонунии онҳо таъсири мустақим ва бевосита мерасонад;

- санади ҳуқуқии маъмурӣ - санади маъмурӣ ва санади меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ мебошад, ки мақомоти маъмурӣ дар асоси қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунад;

- санади маъмурӣ - санади ҳуқуқии маъмурии инфиродӣ, ки мақомоти маъмурӣ дар асоси қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул намудааст ва он ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахс ё доираи маҳдуди ашхосро муқаррар мекунад, тағйир, иҷозат медиҳад ё тасдиқ менамояд. Ҳамчунин қарори қабулнамудаи мақомоти маъмурӣ дар бораи рад намудани қонеъгардонии дархости аризадиҳанда доир ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти ин мақомот, инчунин ҳуҷҷати қабул ё тасдиқнамудаи мақомоти маъмурӣ, ки метавонад боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ гардад, аз ҷумла сертификат, иҷозатнома, иҷозат ва ғайра, санади маъмурӣ ҳисобида мешаванд;

- санади меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ - санади ҳуқуқии маъмурии умумиҳатмие, ки мақомоти маъмурии ваколатдор дар асоси қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқии дар асоси он қабулгардида содир намудааст ва қоидаҳои умумии

рафтори доимӣ ё муваққатӣ ва истифодаи бисёркаратаро дар бар мегирад, аз ҷумла дастурамал, низомнома, оиннома ва ғайра;

- интишор - бо роҳи нашр намудан дар нашрияи чопӣ ба маълумоти омма расонидани санади ҳуқуқии маъмурӣ. Нашрияи чопӣ чунин нашрияе ҳисобида мешавад, ки ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма" ҷавобгӯй аст;

- аризаи маъмурӣ - талаботи хаттие, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур тарафи дар қабули санади маъмурӣ манфиатдор пешниҳод намудааст;

- шикояти маъмурӣ - талаботи хаттие, ки тарафи манфиатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба мақомоти салоҳиятдори маъмурӣ нисбати беэътибор донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ, тағйир додан ё қабули санади ҳуқуқии маъмурии нав бо мақсади барқарорсозии ҳуқуқи поймолгардида пешниҳод намудааст;

- расмиёти маъмурӣ - фаъолияти мақомоти маъмурӣ бо мақсади таҳия, қабул ва иҷрои санади ҳуқуқии маъмурӣ, инчунин баррасии аризаю шикоятҳои маъмурӣ;

- муҳокимаи шифоҳӣ - расмиёти маъмурие, ки ҳангоми баргузории он мақомоти маъмурӣ тарафҳои манфиатдор ва дигар иштироккунандагони расмиётро муҳокима мекунад.

## Моддаи 3. Доираи амали Кодекс

1. Амали Кодекси мазкур ба фаъолияти мақомоти маъмурӣ паҳн гашта, ба фаъолияти мақомоти давлатии зерин дахл надорад:

- Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои ҳолатҳое, ки қисми дуюми ҳамин модда муайян намудааст;

- судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои ҳолатҳое, ки боби 6 Кодекси мазкур муайян намудааст;

- мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Амали Кодекси мазкур дар фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати ҳалли баҳсҳои маъмурӣ байни мақомоти маъмурӣ нисбати тақсими ваколатҳо, афзалиятнокии санадҳои ҳуқуқии маъмурии қабулгардида ва шикоят намудан аз болои санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ, амалҳои мақомоти маъмурӣ ва шахсони мансабдори ин мақомот вобаста ба иҷрои вазифаҳои маъмурӣ, инчунин дар фаъолияти судҳо ҳангоми гузаронидани мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд татбиқ мегардад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

3. Амали Кодекси мазкур ба фаъолияти мақомоти маъмурӣ дар мавридҳои зерин паҳн намегардад:

- таъқиби ҷиноии шахсон вобаста ба содир намудани ҷиноят ва истеҳсолоти парвандаи ҷиноятӣ;

- фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

- иҷрои ҳукм ё ҳалномаи ба қувваи қонунӣ даромадаи суд;

- қабули қарор оид ба масъалаҳои ҳарбӣ;

- татбиқи сиёсати хориҷӣ.

## Моддаи 4. Принсипҳои асосии расмиёти маъмурӣ

Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои баробарӣ дар назди қонун, амалисозии ваколатҳо дар асоси қонун, мутаносибӣ, амалисозии беғаразонаи расмиёти маъмурӣ ва махфият асос меёбад.

## Моддаи 5. Принсипи баробарӣ дар назди қонун

1. Иштирокчиёни расмиёти маъмурӣ дар назди қонун баробаранд.

2. Маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳо, манфиатҳои қонунии ягон тарафи иштирокчии расмиёти ҳуқуқии маъмурӣ ё монеъшавӣ ба татбиқи онҳо, инчунин ба онҳо додани бартарияте, ки қонун пешбинӣ накардааст ё андешидавӣ чораи табъизӣ нисбати ягон тараф манъ аст.

## Моддаи 6. Принсипи амалисозии ваколатҳо дар асоси қонун

1. Мақомоти маъмурӣ ҳуқуқ надорад амалеро, ки хилофи талаботи қонунҳо мебошад, анҷом диҳад.

2. Мақомоти маъмурӣ санади ҳуқуқии маъмуриро, ки боиси маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ва инсон мегардад, танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташон қабул менамояд.

3. Санади ҳуқуқии маъмурие, ки берун аз доираи салоҳият қабул гардидааст, қувваи ҳуқуқӣ надорад.

4. Ба таври зарурӣ иҷро накардани ваколатҳои хизматӣ ё аз ҳадди ваколати хизматӣ баромадани шахсони мансабдори мақомоти маъмурӣ боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун мегардад.

## Моддаи 7. Принсипи мутаносибӣ

Манфиате, ки ҷомеа аз маҳдудиятҳои ба шахс раводида мегирад, бояд бештар аз маҳдудиятҳои ҳуқуқ ё манфиатҳои қонунии он шахс бошад. Маҳдудсозии ҳуқуқ ё манфиатҳои қонунии шахс танҳо вобаста ба ҷомеа манфиати бештар доштан асоснок мебошад.

## Моддаи 8. Принсипи амалисозии беғаразонаи расмиёти маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурӣ вазифадор аст, ки ваколатҳои худро беғаразона амалӣ созад.

2. Дар расмиёти маъмури шахсони мансабдоре, ки манфиати шахсӣ доранд, ё дар дигар ҳолатҳое, ки метавонанд ба қабули қарор таъсир расонанд, иштирок карда наметавонанд.

## Моддаи 9. Принсипи махфият

1. Шахси мансабдори мақомоти маъмурӣ ҳақ надорад иттилоотӣ дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё шахсиро, ки дар ҷараёни расмиёти маъмурӣ ба даст овардааст, ошкор намояд ё ба мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода барад. Ин амал барои рад намудани иҷрои ӯҳдадориҳои пешбининамудаи моддаи 12 Кодекси мазкур асос шуда наметавонад.

2. Тартиби риояи махфӣ будани иттилооте, ки ҳангоми амалисозии ваколатҳои хизматӣ ба даст омадааст, тибқи қонун муқаррар мегардад:

## Моддаи 10. Ӯҳдадории мақомоти маъмурӣ дар мавриди расонидани ёрии ҳуқуқӣ

1. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст дар доираи салоҳияти худ ва бо воситаҳои дар ихтиёрдоштааш ба дигар мақомоти маъмурӣ дар асоси дархости хаттии дахлдор ёрии зарурии ҳуқуқӣ расонад.

2. Инҳо ёрии ҳуқуқӣ ҳисобида намешаванд:

- иҷрои ягон дархости мақомоти болоӣ ё поёнии маъмурӣ;

- амале, ки ӯхдадории иҷрои онро қонун ба зиммаи мақомоти маъмурӣ вогузор намудааст.

## Моддаи 11. Шартҳо ва ҳудуди ёрии ҳуқуқӣ

Мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад бо дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба дигар мақомоти маъмурӣ муроҷиат намояд, агар:

- он бо сабабҳои ҳуқуқӣ ё воқеӣ қодир набошад мустақилона амалро анҷом диҳад;

- он барои иҷрои ин амал донишу малакаи кофӣ, доир ба далелҳои барои иҷрои амал зарурбуда надошта бошад;

- ҳуҷҷатҳо ё ягон далели дигаре, ки барои ҳалли масъала заруранд, дар мақомоти маъмурии дахлдор бошанд;

- маблағе, ки барои бо қувваи худ иҷро намудани амалҳо зарур аст, нисбат ба хароҷоте, ки дигар мақомоти маъмурӣ ёрии ҳуқуқӣ мерасонад, хеле зиёд бошад.

## Моддаи 12. Рад намудани расонидани ёрии ҳуқуқӣ

1. Мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад ёрии ҳуқуқӣ нарасонад, агар:

- он аз доираи ваколатҳое, ки қонун мукаррар кардааст, берун бошад;

- расонидани ёрии ҳуқуқи ба манфиатҳои давлат ё ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои аз ҷониби қонун ба мақомоти маъмурӣ вогузорнамуда зарар расонад.

2. Агар мақомоти маъмурӣ расонидани ёрии ҳуқуқиро рад намояд, он ӯҳдадор аст дар мӯҳлати як ҳафта ба таври хаттӣ мақомоти маъмуриеро, ки ба он бо дархост мурочиат намудааст, дар ин бора огоҳ намояд.

3. Баҳсҳои байни мақомоти маъмурии поёниро дар мавриди расонидани ёрии ҳуқуқӣ мақомоти маъмурии болоӣ, вале дар сурати набудани чунин мақомот, суди маҳалли ҷойгиршавии мақомоти маъмурие, ки ёрии ҳуқуқӣ расониданро рад кардааст, баррасӣ менамояд.

4. Мақомоти маъмурии дахлдор пас аз гирифтани огоҳиномаи хаттии мақомоти маъмурии болоӣ оиди рад кардани расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар сурати норозӣ буданаш бо ариза ба суд мурочиат менамояд.

5. Инчунин дар мӯҳлати понздаҳ рӯз нагирифтани ҷавоб аз мақоми маъмурӣ гувоҳи рад намудани расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҳисоб мешавад.

## БОБИ 2. САНАДИ ҲУҚУҚИИ МАЪМУРӢ

### Моддаи 13. Шакли санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Санади ҳуқуқии маъмурӣ дар шакли хаттӣ қабул мегардад.

2. Дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ки ба амнияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ, ҳаёти одамон хатар таҳдид менамояд, санади маъмурӣ менавонад дар шакли шифоҳӣ қабул гардад.

3. Бо талаби тарафи манфиатдор, инчунин дар ҳолатҳое, ки санади маъмурӣ ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсро маҳдуд месозад, ҳамчунин дар дигар ҳолатҳое. ки қонун пешбинӣ намудааст, санади маъмурии шифоҳӣ дар давоми 3 рӯзи баъди қабул шуданаш бояд дар шакли хаттӣ қабул карда шавад.

4. Нисбати санади маъмурие, ки дар шакли шифоҳӣ қабул гардидааст, талаботи моддаҳои 14-21 ин Кодекс татбиқ намегарданд.

### Моддаи 14. Реквизитҳои санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Ҳар як санади ҳуқуқии маъмурӣ бояд реквизитҳои зеринро дар бар гирад:

- номи санади ҳуқуқии маъмурӣ;

- номи мақомоте, ки санади ҳуқуқии маъмуриро қабул кардааст;

- сарлавҳаи санади ҳуқуқии маъмурӣ;

- ному насаб, номи падар ва имзои шахси мансабдори ваколатдор, ки бо мӯҳри нишондори мақомоти маъмурӣ ё шахси мансабдор тасдиқ карда шудааст;

- вақт ва маҳалли қабул;

- рақами бақайдгирие, ки мақомоти санади ҳуқуқии маъмуриро қабулкарда додааст.

2. Дар санади маъмурие, ки қонеъ гардонидани дархости аризадиҳандаро рад мекунад, бояд мақомоте, ки ба он аз болои санади ҳуқуқии маъмурӣ шикоят кардан мумкин аст, суроғаи он ва мӯҳлати пешниҳоди шикоят (ё даъво) нишон дода шаванд.

### Моддаи 15. Асоснокии санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Санади ҳуқуқии маъмурӣ бояд асоснокии хаттӣ дошта бошад, ки пеш аз қисми хулосавӣ зикр мегардад.

2. Дар санади ҳуқуқии маъмурӣ бояд меъёри қонун ё дигар санади, меъёрии ҳуқуқие, ки дар асоси он ин санади ҳуқуқии маъмурӣ қабул шудааст, зикр карда шавад.

3. Мақомоти маъмурӣ қарори худро бо ҳолатҳо, воқеият ва далелҳое, ки дар чараёни расмиёти маъмурӣ таҳқиқ ва омӯхта шудаанд, асоснок менамояд.

4. Агар қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқии дар асоси он қабулгардида барои қабули санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ мавчудияти хулосаи эксперт (хулосаи мутахассис)-ро пешбинӣ намояд, дар асоснокии хаттӣ мазмуни ин хулоса зикр карда мешавад.

5. Асоснокии хаттӣ бояд якчоя бо санади ҳуқуқии маъмурӣ интишор гардад (барои расман шинос шудан пешниҳод гардад).

### Моддаи 16. Тартиби мавриди амал қарор додани санади маъмурӣ

1. Санади маъмурӣ баъди тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун огоҳ намудани тарафҳо ё аз рӯзи интишор гардидан мавриди амал қарор дода мешавад.

2. Мақомоти маъмурӣ тарафҳоро бо роҳи супурдани огоҳинома дар бораи қабули санади маъмурӣ огоҳ мекунад.

3. Санади маъмурӣ дар давоми се рӯзи баъди қабул гардиданаш бояд ба тарафи манфиатдори мақомоти маъмурӣ супурда шавад ё аз тариқи почтаи фармоишӣ, аз чумла бо огоҳинома оид ба супурдан ба тарафи манфиатдор супурдани он бо имзои ӯ ва дигар воситаҳои супурдан расонида шавад.

4. Дигар воситаҳои супурдани огоҳинома дар сурате истифода мегарданд, ки агар бо ягон сабаби асоснок имконияти ба тарафи манфиатдор супурдани он бо имзои ӯ вучуд надошта бошад, аз чумла, агар худи тарафи манфиатдор оид ба истифодаи дигар воситаҳои супурдан дархост пешниҳод карда бошад.

5. Ҳангоми супурдани санади маъмурӣ ба тарафи манфиатдор мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст якчоя бо он ҳуччатҳоеро, ки қисми таркибии ии санад мебошанд, супорад. Насупурдани ҳуччатҳои зикршуда ҳамзамон якчоя бо санади маъмурӣ ё дертар супурдани онҳо наметавонад ба амали санади маъмурӣ таъсир расонад ва барои шикоят кардан аз қонунӣ набудани санад асос бошад.

6. Дар сурати тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади маъмурӣ, инчунин ба ҳуччатҳое, ки қисми таркибии ин санади маъмурӣ мебошанд, мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст тибқи тартиби муқаррарнамудаи ин модда санади маъмуриро бо тағйиру иловаҳо ба тарафи манфиатдор супорад.

7. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун санади ғайримеъёрии ҳуқуқии маъмурӣ метавонад то интишор ва огоҳ намудан мавриди амал қарор дода

шавад, агар таъхири он ба манфиати давлат ва ҷомеа, инчунин ба ҳуқуқ ва озодиҳои шахс зарар расонад.

8. Санади маъмурие, ки тавассути почта ба тарафи манфиатдор фиристода шудааст, баъди 7 рӯзи фиристода шудан эътибор пайдо мекунад. Дар сурати баҳс, вобаста ба фиристодани санади маъмурӣ, ӯҳдадории исбот ба зиммаи мақоми маъмурӣ гузошта мешавад.

## Моддаи 17. Интишори санади маъмурӣ

1. Санади маъмурӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун интишор мегардад.

2. Агар санади маъмурӣ ба манфиатҳои зиёда аз 50 шахс таъсир расонад, огоҳонидан метавонад ба интишор иваз карда шавад. Дар чунин ҳолат санади маъмурӣ танҳо ба аризадиҳанда, агар аризаро якчанд шахс имзо карда бошанд, ба шахсе, ки имзояш дар ариза аввал аст, супурда мешавад.

## Моддаи 18. Тартнби интишори санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Санади ҳуқуқии маъмурӣ дар нашрияи расмии мақоми маъмурии дахлдор интишор карда мешавад.

2. Агар мақомоти маъмурӣ нашрияи расмӣ надошта бошад, санади ҳуқуқии маъмурӣ бояд дар нашрияе, ки дар тамоми қаламрави амали мақомоти маъмурӣ паҳн мегардад ва на камтар аз як маротиба дар як ҳафта чоп мешавад, интишор карда ё дастраси умум гардонида шавад.

3. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст пешакӣ тартиби интишор ё дастраси умум гардонидани санади ҳуқуқии маъмурии дар қисми дуюми ҳамин модда зикршударо муайян намояд.

## Моддаи 19. Дастраси умум гардонидан

1. Дастраси умум гардонидан маънои дар мақомоти маъмурӣ дар ҷои намоён (лавҳа) гузоштани санади ҳуқуқии маъмуриро дорад.

2. Дар мавриди зарурат санади маъмурӣ ҳамчунин дар дигар ҷойҳои оммавӣ низ дастраси умум гардонида мешавад.

## Моддаи 20. Тартиби расман шинос намудан бо санади маъмурӣ

1. Расман шинос шудани тарафи манфиатдор бо санади маъмурӣ маънои ба ӯ супурдан ё фиристодани санади ҳуқуқии маъмуриро тавассути почта бо огоҳиномаи супориш дорад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре муқаррар накарда бошад.

2. Шахс дар сурати нагирифтани санади ҳуқуқии маъмурие, ки тавассути почта ба ӯ фиристода шудааст, ҳақ дорад нусхаи онро аз мақомоти маъмурӣ гирад. Харочоти вобаста ба додани нусха набояд аз харочоти тайёр кардани нусха зиёд бошад.

## Моддаи 21. Ислоҳ намудани хатоҳои санади маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст хатоҳои имлоӣ ва арифметикии санади маъмурии қабулшударо бо воситаи ворид намудани тағйирот ислоҳ намояд.

2. Ворид намудани тағйиру иловаҳои ҷиддӣ маънии қабул кардани санади нави маъмуриро дорад.

3. Санади маъмурии хатояш ислоҳшуда бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур интишор, дастраси умум ва расман шинос карда шавад.

### Моддаи 22. Беэътибор донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Санади ҳуқуқии маъмурӣ тибқи тартибе, ки барои қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ муқаррар гардидааст, беэътибор дониста мешавад.

2. Санади ҳуқуқии маъмурӣ беэътибор дониста мешавад, агар:

- он аз ҷониби мақомоти маъмурии ваколатдорнабуда қабул шуда бошад;

- иҷрои он боиси ҳуқуқвайронкунӣ гардад;

- иҷрои он бинобар ҳолатҳои пешбининашавандае, ки ба иродаи тарафҳо вобаста намебошанд, ғайриимкон бошад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*);

- он хилофи қонун бошад ё дигар талаботе, ки қонун нисбати таҳия ё қабули он муқаррар намудааст, ҷиддӣ вайрон карда шуда бошад.

3. Санади ҳуқуқии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти маъмурие, ки онро қабул кардааст, мақомоти маъмурии болоӣ ё суд беэътибор дониста мешавад.

4. Агар санади ҳуқуқии маъмурие, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсро вайрон мекунад, беэътибор дониста шуда бошад, ба тарафи манфиатдор бояд зарари моддие, ки дар натиҷаи беэътибор донистани санади маъмурӣ ба он расонида шудааст, тибқи тартиби пешбининамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда шавад.

5. Беэътибор донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ маънои онро дорад, ки оқибатҳои ҳуқуқии баъди эътибор пайдо кардани он бавуҷудомада бекор карда мешаванд.

6. Дар сурати беэътибор донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ шахс ҳақ дорад баргардонидани маблағи ба фоидаи мақомоти маъмурӣ пардохтааш ё дигар молу мулки додаашро талаб кунад ва дар сурати ғайриимкон будани баргардонидани ин маблағ ва молу мулк бояд пурра ҷуброн карда шавад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

7. Агар шахс дар асоси санади ҳуқуқии маъмурии беэътибор донисташуда ягон молу мулк гирифта бошад, ӯ вазифадор аст онро тибқи тартиби пешбининамудаи моддаҳои 1116-1124 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

### Моддаи 23. Аз эътибор соқит донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Санади ҳуқуқии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти маъмурие, ки онро қабул кардааст, аз эътибор соқит дониста мешавад.

2. Санади хуқуқии маъмурие, ки мутобиқи қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқии дар асоси он қабулгардида қабул шудааст, танҳо дар мавриде аз эътибор соқит дониста мешавад, агар:

- бевосита дар қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки онро мақомоти болоӣ дар асоси конун қабул кардааст, зикр шуда бошад;

- тибқи қонун бевосита дар санади ҳуқуқии маъмурӣ зикр шуда бошад;

- тарафи манфиатдор ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи санади ҳуқуқии маъмуриеро, ки иҷро накардани онҳо тибқи қонун метавонад барои аз эътибор соқит донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ асос гардад, иҷро накарда бошад;

- санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор бекор карда шудааст ё тағйир дода шудааст, ки дар натиҷаи он мақомоти маъмурӣ аз имконияти қабул намудани чунин санади ҳуқуқии маъмурӣ маҳрум гаштааст ва амали санади ҳуқуқии маъмурӣ метавонад ба манфиати давлат ё ҷомеа зарари ҷиддӣ расонад.

3. Санади ҳуқуқии маъмурӣ тибқи тартибе, ки барои қабули санади маъмурӣ муқаррар гардидааст, аз эътибор соқит дониста мешавад.

4. Аз эътибор соқит донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ боиси бекор кардани оқибатҳои ҳуқуқие намегардад, ки то аз эътибор соқит донистани он ба вуҷуд омадаанд.

### Моддаи 24. Беэътибор донистан ё аз эътибор соқит донистани қисми санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Беэътибор донистан ё аз эътибор соқит донистани қисми санади ҳуқуқии маъмурӣ бояд бо риояи талаботи моддаҳои 21 ва 22 Кодекси мазкур сурат гирад.

2. Беэътибор ё аз эътибор соқит донистани қисми санади меъёрии ҳуқуқӣ боиси беэътибор ё аз эътибор соқит донистани дигар қисмҳои санади ҳуқуқии маъмурӣ намегардад.

### Моддаи 25. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурие, ки санади ҳуқуқии маъмуриро қабул кардааст, ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ҳуқуқ дорад.

2. Тағйиру иловаҳо ба санади ҳуқуқии маъмурӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ворид карда мешаванд.

### Моддаи 26. Баргардонидани ҳуҷҷат

Баъди беэътибор донистан ё аз эътибор соқит донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ мақомоти маъмурии ваколатдор метавонад аз шахс баргардонидани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқро, ки дар асоси ин санади ҳуқуқии маъмурӣ дода шуда буд, талаб кунад.

## БОБИ 3. РАСМИЁТ АЗ РӮИ САНАДИ МАЪМУРӢ

### § 1. Оғози расмиёти маъмурӣ

## Моддаи 27. Асосҳо барои оғози расмиёти маъмурӣ

1. Асосҳо барои оғози расмиёти маъмурӣ инҳоянд:

- аризаи маъмурӣ;

- ӯҳдадориҳое, ки қонун дар мавриди қабули санади маъмурӣ ба зиммаи мақомоти маъмурӣ вогузор кардааст.

2. Расмиёти маъмурӣ дар ҳолатҳое, ки сархати якуми қисми якуми ҳамин модда пешбинӣ намудааст, аз рӯзи бақайдгирии аризаи маъмарӣ оғоз мегардад.

## Моддаи 28. Пешниҳоди аризаи маъмурӣ

1. Аризаи маъмурӣ бояд ба мақомоти маъмурие пешниҳод карда шавад, ки салоҳияти ҳалли масъалаи дар ариза гузошташуда ва қабули санади маъмурии дахлдорро дорад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

2. Тартиби пешниҳоди аризаи маъмурӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашаванда ё пешниҳоди дигар навъ иттилоотро, агар онро қонун ё санади меъёрии ҳуқуқии дар асоси он қабулнамуда муқаррар накарда бошад, низомномаи (оинномаи) мақомоти маъмурии дахлдор муайян менамояд.

## Моддаи 29. Мазмуни аризаи маъмурӣ

1. Аризаи маъмурӣ бояд дар шакли хаттӣ таҳия гардад ва инҳоро дар бар гирад:

- номи мақомоти маъмурие, ки аризадиҳанда ба он муроҷиат мекунад;

- ном, номи падар, фамилия ва суроғаи аризадиҳанда;

- талабот;

- санаи пешниҳоди ариза ва имзои аризадиҳанда;

- номгӯи ҳуҷҷатҳои ба ариза замимашаванда, дар сурати мавҷуд будани онҳо.

2. Ба аризаи маъмурӣ бояд ҳама ҳуҷҷатҳое, ки ӯҳдадории пешниҳод намудани онҳоро қонун ба зиммаи аризадиҳанда вогузор менамояд, замима карда шаванд.

3. Аризадиҳанда ҳақ дорад ҳамаи дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки метавонанд барои қабули санади маъмурӣ асос шаванд, пешниҳод кунад.

## Моддаи 30. Бақайдгирии аризаи маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст аризаи маъмуриро тибқи тартиби муқarrargardида дар рӯзи қабул ба қайдгирифта, ба он сана ва рақами бақайдгириро гузорад.

2. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст дар сурати гирифтани аризаи маъмурӣ бе ҳузури аризадиҳанда ё бо талаби ӯ тасдиқномаи бақайдгириро фавран бо почта ба ӯ равон кунад.

## Моддаи 31. Ба дигар мақомоти маъмурии ваколатдор равон кардани аризаи маъмурӣ

1. Агар қабули санади маъмурие, ки дар аризаи маъмурӣ талаб карда мешавад, ба салоҳияти дигар мақомоти маъмурӣ дахл дошта бошад, мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст на дертар аз 5 рӯзи баъди қабули аризаи маъмурӣ онро бо ҳуҷҷатҳои замимагардида ба мақомоти маъмурии ваколатдор равон кунад ва дар ин бора аризадиҳандаро огоҳ намояд.

2. Дар сурати аризаи маъмуриро гирифтани мақомоти маъмурии ваколатдор он ӯҳдадор аст аризадиҳандаро аз гирифтани чунин ариза огоҳ кунад.

3. Дар сурати ба дигар мақомоти маъмурии ба ин ваколатдор равон кардани аризаи маъмурӣ ба пешниҳод кардани ягон нуқтаи назар дар мавриди ҳалли масъалаҳои дар аризаи маъмурӣ гузошташуда роҳ дода намешавад, агар қонун тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

4. Агар масъалаи дар аризаи маъмурӣ зикршуда дар доираи салоҳияти суд бошад ё муқаррар намудани мақоми маъмурии ваколатдор ғайриимкон бошад, мақоми маъмурӣ аризаи маъмуриро бо асоснокии дахлдор на дертар аз понздаҳ рӯзи баъди бақайдгирии он ба аризадиҳанда бармегардонад.

### Моддаи 32. Норавоии талаботе, ки қонун пешбинӣ накардааст

1. Мақомоти маъмурӣ ҳақ надорад аз аризадиҳанда ҳуҷҷатҳо ё дигар иттилооти қонун пешбининакардаро талаб кунад.

2. Бездоштани расмиёти маъмурӣ ё рад намудани баррасии аризаи маъмурӣ бо асосе, ки дар қисми якуми ин модда зикр шудааст, манъ аст.

### Моддаи 33. Тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дорои сирри тиҷоратӣ ё шахсӣ

Мақомоти маъмурӣ тибқи дархости аризадиҳанда ӯҳдадор аст тадбирҳоро оид ба ҳифзи иттилооти пешниҳоднамудаи он, ки дорои сирри тиҷоратӣ ё шахсӣ мебошад, андешад.

## § 2. Иштирокчиёни расмиёти маъмурӣ

### Моддаи 34. Иштрокчиёни расмиёти маъмурӣ

Иштирокчиёни расмиёти маъмурӣ инҳоянд:

- аризадиҳанда;

- мақомоти маъмурие, ки ҳақ дорад доир ба масъалаи зикршуда қарор қабул намояд;

- шахсе, ки ҳамин Кодекс ё дигар санади ҳуқуқии меъёрӣ ба ӯ ҳуқуқи дар расмиёти маъмурӣ иштирок карданро додааст;

- мақомоти маъмурии дигар, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун;

- тарафи манфиатдор.

### Моддаи 35. Тарафҳои расмиёти маъмурӣ

1. Тарафи расмиёти маъмурӣ метавонад мақомоти маъмурӣ, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ бошад.

2. Расмиёти маъмурӣ аз ҷониби мақомоти маъмурии ваколатдор анҷом дода мешавад.

3. Дар ҷараёни расмиёти маъмурӣ мақомоти маъмуриро шахси мансабдори масъул ё намояндаи расмии он намояндагӣ мекунад.

### Моддаи 36. Забони расмиёти маъмурӣ

1. Расмиёти маъмурӣ ба забони давлатӣ амалӣ карда мешавад.

2. Агар аризаи маъмурӣ ё дигар ҳуҷҷати пешниҳоднамуда ба забони давлатӣ таҳия нашуда бошад, мақомоти маъмурӣ мӯҳлати пешниҳод намудани тарҷумаи аз тарафи идораи нотариалии давлатӣ тасдиқшудаи аризаи маъмурӣ ё дигар ҳуҷҷатро муқаррар менамояд.

### Моддаи 37. Қобили амали тарафҳои дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда

Нисбати қобили амали шахси дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда талаботи боби 3 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

## § 3. Намояндагӣ дар расмиёти маъмурӣ

### Моддаи 38. Ҳуқуқи намояндагӣ

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд муносибатҳоро бо мақомоти маъмурӣ тавассути намоянда анҷом диҳанд.

2. Мақомоти маъмурӣ вазифадор аст аз намоянда ҳуҷҷатеро, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба расмият дароварда шуда, намояндагии ӯро тасдиқ мекунад, талаб намояд.

3. Мақомоти маъмурӣ ҳақ надорад аз тарафи манфиатдор талаб намояд, ки муносибатҳои худро бо мақоми маъмурӣ тавассути намоянда анҷом диҳад ба истиснои ҳолатҳое, ки бевосита қонун пешбинӣ карда аст.

### Моддаи 39. Намоянда дар расмиёти маъмурӣ

1. Агар аризадиҳанда ё тарафи манфиатдор намоянда таъин карда бошад, мақомоти маъмурӣ ба он намоянда ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба тарафи манфиатдор тааллуқдоштаро мефиристад.

2. Мақомоти маъмурӣ дар мавриди ҳама масъалаҳои расмиёти маъмурӣ ба намоянда муроҷиат мекунад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

3. Тарафи манфиатдор, ки онро шахси дигар намояндагӣ мекунад, ҳақ дорад дар ҳамаи муҳокимаҳои шифоҳӣ ҳузур дошта бошад.

4. Намоянда ҳақ дорад аз номи шахси намояндагишаванда ҳама амалиёти расмиётиеро, ки дар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи намояндагии ӯ пешбинӣ гардидаанд, анҷом диҳад.

## Моддаи 40. Ҳатмӣ будани таъини намоянда

1. Тарафи манфиатдори дар расмиёти маъмурӣ иштироккунандае, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор надорад, ӯҳдадор аст дар давоми 3 рӯзи баъди талаби мақомоти маъмурӣ намояндаи худро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, таъин намояд.

2. Агар шахс талаботи дар қисми якуми ҳамин модда зикршударо иҷро накунад, мақомоти маъмурӣ барои равон накардани ҳуҷҷат масъулият надорад ва ин наметавонад барои беэътибор донистани санади маъмурӣ асос шавад, ба истисноии ҳолатҳои дар қонун муқарраргардида.

## Моддаи 41. Таъини ҳатмии намоянда аз ҷониби аризадиҳанда

1. Агар ариза аз ҷониби бештар аз 25 шахс пешниҳод гардида бошад, шахсоне, ки аризаро имзо кардаанд, дар мӯҳлати муқаррарнамудаи мақомоти маъмурӣ як намояндаеро, ки барои анҷом додани муносибатҳо бо мақомоти маъмурӣ ваколатдор аст, таъин мекунанд.

2. Танҳо шахси воқеӣ метавонад ҳамчун намоянда таъин карда шавад.

3. Дар сурати аз иҷрои ваколатҳои худ даст кашидани намоянда мақомоти маъмурӣ ба аризадиҳандагон барои таъини намояндаи нав мӯҳлат медиҳад.

# § 4. Рад кардан

## Моддаи 42. Норавоии иштирок дар расмиёти маъмурӣ

1. Дар расмиёти маъмурӣ шахси мансабдори зерини мақомоти маъмурӣ иштирок карда наметавонад, агар:

- шахсан, бевосита ё бавосита ба оқибати кор манфиатдор бошад ё ҳолатҳои дигаре мавҷуд бошанд, ки беғаразии ӯро ба шубҳа мо монанд;

- хешованди наздики тарафи манфиатдори дар парванда иштироккунанда ё хешованди наздики намояндаи он бошад;

- намояндаи тарафи манфиатдори дар парванда иштироккунанда бошад;

- пеш аз ин ҳангоми баррасии ҳамин парванда ба сифати шоҳид, эксперт, тарҷумон, намоянда шуда бошад;

- бо тарафи манфиатдори муқобили дар парванда иштироккунанда муносибатҳои меҳнатӣ дошта бошад;

- худаш ё узви оилааш шахси бонуфузи шахси ҳуқуқӣ, ки тарафи манфиатдор аст, бошад,

2. Шахси мансабдор ӯҳдадор аст шахси мансабдори болоиро аз ҳолатҳое, ки дар қисми якуми ҳамин модда зикр шудаанд, огоҳонад ва худрадкунӣ изҳор намояд. Ариза дар бораи худрадкунӣ бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 42 Кодекси мазкур баррасӣ мегардад.

## Моддаи 43. Ариза дар бораи радкунӣ

1. Тарафи манфиатдори дар расмиёти маъмурӣ иштироккунандае, ки ба назари он барои радкунии шахси мансабдори мақомоти дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда асосҳо вуҷуд доранд, ҳақ дорад то қабули санади маъмурӣ ба ӯ дар шакли хаттӣ радкунӣ изҳор намояд.

2. Ариза дар бораи радкунӣ бояд асоснок бошад.

3. Ариза дар бораи радкунӣ, масъалаи радкунӣ ё худрадкуниро роҳбари шахси мансабдоре, ки ба ӯ радкунӣ изҳор шудааст, баррасӣ ва ҳал мекунад, вале дар сурати набудани номбурда, ин амалро роҳбари мақомоти болоӣ ба ҷо меорад.

4. Масъалаи радкунии шахси мансабдореро, ки ба ҳайати мақомоти коллегиалӣ дохил мешавад, мақомоти коллегиалӣ бе иштироки ин шахси мансабдор ҳал менамояд.

5. Тарафи манфиатдоре, ки дар расмиёти маъмурӣ иштирок мекунад, ӯҳдадор аст ариза дар бораи радкуниро дар давоми 2 рӯзи баъди ба ӯ маълум гардидани ҳолате, ки барои радкунӣ асос мебошад, пешниҳод кунад.

## § 5. Мӯҳлатҳо дар расмиёти маъмурӣ

### Моддаи 44. Мӯҳлат дар расмиёти маъмурӣ ва тартиби барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашуда

1. Ҳангоми ҳисоби мӯҳлат дар расмиёти маъмурӣ тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 109-114 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

2. Агар тарафи манфиатдор ӯҳдадор бошад, ки мӯҳлати муқарраргардидаро риоя кунад, мӯҳлати зикршуда танҳо аз рӯзи ба тарафи манфиатдор додани ҳуҷҷатҳои дахлдор ё иттилоот, ё ки нашри расмии ин иттилоот оғоз мегардад.

3. Мӯҳлати гузарондашуда бояд барқарор карда шавад, агар тарафи манфиатдор мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун ё мақомоти маъмуриро бо сабабҳои узрнок гузаронда бошад.

4. Тарафи макфиатдор дар мавриди барқарор намудани мӯҳлати гузарондашуда на дертар аз 15 рӯз баъди бартараф кардани ҳолатҳое, ки дар қисм сеюми ин модда зикр шудаанд, бо аризаи хаттӣ ба мақомоти маъмурӣ муроҷиат менамояд. Ба ариза бояд ҳуҷҷатҳо ва маводи дахлдоре, ки вуҷуд доштани сабабҳои узрноки гузарондани мӯҳлатро тасдиқ мекунанд, замима карда шаванд.

5. Мақомоти маъмурӣ аризаро дар бораи барқарор намудани мӯҳлати гузарондашуда дар давоми 5 рӯз баррасӣ мекунад ва дар асоси натиҷаҳои он дар бораи қонеъ гардонидан ё рад намудани қонеъгардонии ариза санади маъмурӣ қабул мекунад.

### Моддаи 45. Иштироки тарафи манфиатдор дар расмиёти маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурӣ ҳуқук дорад тарафи манфиатдорро дар асоси аризааш барои иштирок дар расмиёти маъмурӣ ҷалб намояд, дар ҳолатҳои

муқаррарнамудаи қонун бошад, вазифадор аст иштироки онро дар расмиёти маъмурӣ таъмин кунад.

2. Агар аз санади маъмурӣ вазъи ҳуқуқии тарафи манфиатдор вазнин гардад, мақомоти маъмурӣ вазифадор аст онро дар бораи вақт ва макони гузаронидани расмиёти маъмурӣ барои иштирок намудан дар расмиёти маъмурӣ огоҳ кунад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

3. Агар миқдори иштирокчиёни расмиёти маъмурӣ аз 50 нафар зиёд бошад, мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад ба ҷойи алоҳида хабардор кардани ҳар яки онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 18 Кодекси мазкур дар бораи расмиёти маъмурӣ хабари расмӣ интишор намояд.

4. Хабар дар бораи расмиёти маъмурӣ бояд инҳоро дар бар гирад:

- ном ва суроғаи мақомоти маъмурие, ки дар он расмиёти маъмурӣ анҷом дода мешаванд;

- сана ва вақти оғози муҳокима;

- шарҳи мухтасари мавзӯи расмиёти маъмурӣ;

- фамилия, ном, номи падари тарафи манфиатдори дар мурофиа иштироккунанда;

- мӯҳлати қабули санади маъмурӣ.

5. Дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ҳангоме ки ба таъхир гузоштани қабули санади маъмурӣ метавонад ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ё шахс зарари ҷиддӣ расонад, мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад дар бораи қабули санади маъмурӣ бе риояи талаботи қисмҳои якум, дуюм ва сеюми ин модда қарори асоснок қабул кунад.

### Моддаи 46. Таҳқиқи ҳолатҳои парванда

1. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст дар ҷараёни расмиёти маъмурӣ ҳама ҳолатҳоеро, ки барои парванда аҳамият доранд, таҳқиқ намояд ва дар асоси арзёбӣ ва муқоисаи ин ҳолатҳо тибқи қонун қарор қабул кунад.

2. Ҳамчун асос барои қабули санади маъмурӣ ба эътибор гирифтани ҳолатҳо ё далелҳое, ки мақомоти маъмурӣ тибқи тартиби муқарраргардида таҳқиқ накардааст, мумкин нест.

3. Тарафи манфиатдор ӯҳдадор аст танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба мақомоти маъмурӣ ҳозир шавад ва нишондод диҳад.

### Моддаи 47. Ваколати мақомоти маъмурӣ дар таҳқиқи далелҳо дар ҷараёни расмиёти маъмурӣ

Бо назардошти ҳолатҳои парванда мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад:

- ҳуҷҷатҳоро талаб намояд;

- маълумот ҷамъоварӣ намояд;

- тарафи манфиатдорро шунавад;

- ҷоеро, ки ба қабули санади маъмурӣ вобаста аст, аз назар гузаронад;

- экспертиза (ташхис) таъин намояд;

- ҳуҷҷатҳо ва санадҳои зарурӣро истифода барад;

- бо мақсади ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва баҳодиҳии далелҳо дигар чораҳои пешбининамудаи қонунро истифода намояд.

## Моддаи 48. Ҳуқуқи тарафи манфиатдор ҳангоми таҳқиқи далелҳо

1. Тарафи манфиатдори дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда ҳақ дорад далелҳо ва инчунин дархости таҳқиқи далелҳоро пешниҳод намояд.

2. Мақомоти маъмурӣ дар давоми 2 рӯз доир ба дархост яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:

- дар бораи қонеъ гардонидани дархост;

- дар бораи рад намудани дархост;

- дар бораи қисман қонеъ гардонидани дархост.

## Моддаи 49. Ҳуқуқи шинос шудан бо маводи расмиёти маъмурӣ

1. Тарафи манфиатдори дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда ҳақ дорад, ба истисноии ҳуҷҷатҳо ва маводи марбут ба таҳияи санади маъмурӣ, ки хислати дохилиидоравӣ доранд, бо маводи расмиёти маъмурӣ шинос шавад.

2. Ба тарафи манфиатдори дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда маводи парванда, ки дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё шахсӣ мебошанд, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонун пешниҳод карда намешавад.

3. Тарафи манфиатдори дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда бо маводи расмиёти маъмурӣ дар мақомоти маъмурие, ки расмиёти маъмуриро анҷом медиҳад, шинос мешавад.

4. Тарафи манфиатдори дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда ҳақ дорад дар мавриди талаб карда гирифтани нусхаи ҳуҷҷатҳои расмиёти маъмурӣ дархост пешниҳод намояд. Тарафи манфиатдори дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда метавонад аз ҳуҷҷатҳо ва дигар маводе, ки дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё шахсӣ мебошанд, танҳо дар ҳолатҳое, ки бевосита дар қонун пешбинӣ гардидаанд ё дар асоси қарори суд нусха бардорад.

5. Мақомоти маъмурӣ наметавонад барои гирифтани нусхаҳои ҳуҷҷатҳо ё дигар мавод, инчунин фиристодан бо почта, ба ғайр аз ҷуброни хароҷоти анҷомдодааш, ягон подошпулӣ муқаррар намояд ё монеаи дигаре ба вуҷуд орад.

## Моддаи 50. Қабули қарор

1. Санади маъмурие, ки ба манфиати шахсони сеюм дахл намекунад, бояд дар давоми 15 рӯзи баъди пешниҳоди аризаи маъмурӣ қабул карда шавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

2. Мақомоти маъмурӣ дар мӯҳлати як моҳ баъди пешниҳоди аризаи маъмурӣ санади маъмуриро қабул менамояд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

3. Мақомоти маъмурӣ дар мӯҳлати ду моҳ баъди пешниҳоди ариза санади меъёрии ҳуқуқии маъмуриро қабул менамояд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

4. Агар ҷиҳати муайян намудани ҳолатҳои барои парванда дорои аҳамияти ҷиддӣ мӯҳлате зарур бошад, ки аз мӯҳлати барои қабули санади маъмурӣ пешбининамудаи қонун зиёд аст, мақомоти маъмурӣ дар бораи муайян намудани мӯҳлати қабули санади маъмурӣ қарор қабул мекунад.

5. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми сеюми ин модда мӯҳлати умумии қабули санади маъмурӣ набояд аз 3 моҳ зиёд бошад.

### Моддаи 51. Тартиби пешниҳоди аризаи маъмурии такрорӣ дар мавриди як масъала

1. Аризаи маъмурӣ нисбати қарори мақомоти маъмурӣ дар бораи рад кардани қабули санади маъмурӣ метавонад танҳо дар сурате пешниҳод карда шавад, ки вазъи воқеӣ ё ҳуқуқие, ки барои қабули санади маъмурӣ асос мебошад, ба фоидаи шахс тағйир ёфта бошад, ё ки дар сурати пеш омадани ҳолатҳои наве, ки ба қабули санади маъмурии барои аризадиҳанда мусоидтар сабаб мегарданд.

2. Агар дар аризаи маъмурӣ ҳолатҳои нав зикр карда нашаванд, мақомоти маъмурӣ аризаро баррасӣ накарда, дар бораи қонеъ нагардонидани ариза санади маъмурӣ қабул менамояд. Дар санади маъмурӣ бояд санади меъёрии ҳуқуқие, ки дар асоси он қонеъгардонии аризаи маъмурӣ рад карда шудааст, зикр карда шавад.

3. Аризаи маъмурӣ дар бораи расмиёти маъмурии такрорӣ танҳо дар сурате қабул мегардад, ки дар ҷараёни расмиёти маъмурӣ аризадиҳанда ин ҳолатҳо ё фактҳоро вобаста ба ҳолатҳои ба ӯ дахлнадошта пешниҳод накарда бошад.

## § 6. Расмиёти маъмурӣ дар мақомоти маъмурии коллегиалӣ

### Моддаи 52. Тартиби расмиёти маъмурӣ дар мақомоти маъмурии коллегиалӣ

1. Расмиёти маъмурӣ дар мақомоти маъмурии коллегиалӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин боб анҷом дода мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

2. Қарор нисбати аризаи маъмурие, ки ба мақомоти коллегиалӣ пешниҳод гардидааст, танҳо аз ҷониби мақомоти маъмурии коллегиалӣ қабул карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад. Ба дигар мақомоти маъмурии ваколатдор фиристодани ариза ё баргардонидани он ба аризадиҳанда ҳуқуқи истисноии шахси мансабдори ваколатдори мақомоти маъмурии коллегиалӣ мебошад, агар ҳалли масъалаҳои дар он гузошташуда дар доираи ваколати ин мақомоти маъмурии коллегиалӣ бошанд.

### Моддаи 53. Тартиби гузаронидани ҷаласа ва қабули қарор аз ҷониби мақомоти маъмурии коллегиалӣ

1. Дар ҷаласаи мақомоти маъмурии коллегиалӣ дар сурати ҳузур надоштани роҳбараш яке аз муовинони ӯ раисӣ мекунад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

2. Раисикунанда ҷаласаро мутобиқи рӯзнома мебарад.

3. Ба ҷаласаи мақомоти маъмурии коллегиалӣ бояд ҳама аъзои он даъват карда шаванд.

4. Ҷаласаи мақомоти маъмурии коллегиалӣ дар сурате салоҳиятдор ҳисобида мешавад, ки дар он бештар аз нисфи шумораи аъзои он иштирок дошта бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигарро пешбинӣ намудаанд.

5. Қарори мақомоти маъмурии коллегиалӣ дар сурате қабулгардида ҳисобида мешавад, ки онро бештар аз нисфи шумораи аъзои дар ҷаласа ҳузурдошта дастгирӣ карда бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки санадҳои мёъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигарро пешбинӣ намудаанд.

### Моддаи 54. Протоколи ҷаласаи мақомоти маъмурии коллегиалӣ

1. Дар ҳама ҷаласаҳои мақомоти маъмурии коллегиалӣ протоколи ҷаласа тартиб дода мешавад, ки дар он бояд ин чизҳо зикр карда шаванд:

- номи мақомоти маъмурии коллегиалӣ;
- вақт ва ҷойи гузаронидани ҷаласа;
- ном, номи падар, фамилия шахси дар ҷаласа раисикунанда ва аъзои мақомоти маъмурии коллегиалӣ;
- мавзӯи баррасишаванда;
- натиҷаҳои овоздиҳӣ;
- қарори қабулгардида.

2. Протоколи ҷаласаро котиб дар давоми 3 рӯз тартиб дода, онро раисикунанда ва котиб имзо мекунанд.

## § 7. Намудҳои расмиёти маъмурӣ

### Моддаи 55. Намудҳои расмиёти маъмурӣ

1. Намудҳои расмиёти маъмурӣ инҳоянд:

- расмиёти маъмурии оддӣ;
- расмиёти маъмурии расмӣ;
- расмиёти маъмурии оммавӣ.

2. Агар қонун татбиқи расмиёти маъмурии намуди дигарро пешбинӣ накунад, мақомоти маъмурӣ санади маъмуриро бо тартиби расмиёти маъмурии оддӣ таҳия менамояд.

### Моддаи 56. Расмиёти маъмурми оддӣ

Расмиёти маъмурии оддӣ фаъолияти мақомоти маъмурӣ оид ба таҳия ва қабули санадҳои маъмурие мебошад, ки таҳқиқи ҳолатҳоро бо иштироки тарафҳои манфиатдор ва доир намудани муҳокимаи шифоҳиро талаб намекунад.

## Моддаи 57. Расмиёти маъмурии расмӣ

1. Расмиёти маъмурии расмӣ фаъолияти мақомоти маъмурӣ оид ба таҳия ва қабули санадҳои маъмурӣ бо риояи талаботи муқаррарнамудаи параграфи 8 боби мазкур мебошад.

2. Санади маъмурӣ дар асоси расмиёти маъмурии расмӣ танҳо дар сурате қабул мегардад, ки инро бевосита қонун пешбинӣ намуда ё бо ташаббуси мақомоти маъмурӣ қабул гардида бошад.

## Моддаи 58. Расмиёти маъмурии оммавӣ

Расмиёти маъмурии оммавӣ фаъолияти мақомоти маъмурӣ оид ба таҳия ва қабули санадҳои маъмурии ҳуқуқие мебошад, ки ба манфиати доираи номаҳдуди шахсон дахл мекунад.

## § 8. Расмиёти маъмурии расмӣ

## Моддаи 59. Иштироки тарафи манфиатдор дар расмиёти маъмурии расмӣ

1. Мақомоти маъмурӣ ҳама тарафҳои манфиатдорро дар бораи оғози расмиёти маъмурии расмӣ хабардор менамояд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

2. Рад намудани тарафи манфиатдор аз иштирок дар расмиёти маъмурӣ расмиёти маъмурии расмиро бознамедорад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

3. Тарафи манфиатдор метавонад фикру мулоҳизаҳои худро дар мавриди ҳама ҳолатҳои расмиёти маъмурӣ пешниҳод намояд.

## Моддаи 60. Шоҳид ва коршинос дар расмиёти маъмурии расмӣ

1. Дар ҷараёни расмиёти маъмурии расмӣ шоҳид вазифадор аст баёнот диҳад, коршинос бошад, хулоса пешниҳод кунад. Гирифтани баёнот ё хулоса тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

2. Даст кашидан аз додани баёнот ё хулоса боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун мегардад.

3. Дар ҷараёни расмиёти маьмурии расмӣ тарафи манфиатдор ҳақ дорад шоҳидон, коршиносонро ҷалб намояд.

4. Ба тарафи манфиатдор бояд имкон дода шавад, ки нуқтаи назари худро нисбати хулосаи коршинос ё баёноти шоҳид баён намояд.

5. Тарафи манфиатдор ҳақ дорад дар пурсиши шоҳид ё коршинос иштирок кунад, ба онҳо саволҳо диҳад, бо хулосаи хаттии коршинос шинос шавад,

ҳангоми азназаргузаронии объект, ҷойе, ки ба қабули санади маъмурӣ вобаста аст, ҳузур дошта бошад.

6. Ҳароҷоти тарафи манфиатдор вобаста ба даъвати шоҳид ва коршинос аз ҷониби тарафи манфиатдор пардохт карда мешавад.

## Моддаи 61. Муҳокимаи шифоҳӣ

1. Мақомоти маъмурӣ дар асоси далелҳое, ки ҳангоми доир намудани муҳокимаи шифоҳӣ таҳқиқ карда шудаанд, қарор қабул менамояд.

2. Тарафҳои манфиатдор бояд на камтар аз 7 рӯз қабл аз доир гардидани муҳокимаи шифоҳӣ огоҳ карда, ба муҳокимаи шифоҳӣ даъват карда шаванд.

3. Дар даъватнома, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, ҳуқуқи мақомоти маъмурӣ ба баррасӣ ва ҳал намудани парванда бе иштироки тарафи манфиатдор зикр карда мешавад.

4. Агар шумораи тарафҳои манфиатдор аз 50 нафар зиёд бошад, мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад тарафҳои манфиатдорро ба муҳокимаи шифоҳӣ бо роҳи хабардор намудани аризадиҳандае, ки имзои он дар ариза аввал аст, дастраси умум ё интишор намудани хабар дар нашрияи расмӣ даъват кунад. Дар хабарнома бояд масъалае, ки доир ба он муҳокимаи шифоҳӣ баргузор мегардад, номи мақомоти маъмурие, ки муҳокима доир мекунад, асосҳои оғози расмиёти маъмурӣ, вақт ва ҷойи муҳокимаи шифоҳӣ зикр карда шаванд.

## Моддаи 62. Тартиби гузаронидаии муҳокимаи шифоҳӣ

1. Муҳокимаи шифоҳӣ ошкоро гузаронида мешавад. Раисикунанда бо мақсади таъмини ҳифзи сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё шахсии тараф бо ташаббуси худ ё бо дархости тарафи манфиатдор ҳуқуқ дорад муҳокимаи шифоҳиро пӯшида эълон кунад.

2. Раис шахси мансабдори ваколатдори мақомоти маъмурӣ буда, муҳокимаи шифоҳиро мекушояд ва роҳбарӣ менамояд.

3. Шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти маъмурӣ, намояндаи мақомоти болоӣ, тарафҳои манфиатдор, намояндаҳои онҳо, коршинос, шоҳидон ҳуқуқи дар муҳокимаи шифоҳӣ иштирок карданро доранд.

4. Раисикунанда ӯҳдадор аст дар муҳокимаи шифоҳӣ таҳқиқи ҳолатҳоеро, ки барои парванда аҳамият доранд, таъмин намояд ва ба тарафи манфиатдор имкон диҳад, ки нуқтаи назари худро нисбати парванда изҳор намояд.

5. Тарафи. манфиатдор ҳақ дорад дар мавриди ҳолатҳое, ки барои парванда аҳамият доранд, дархост изҳор намояд.

6. Риояи тартибро дар муҳокима раисикунанда таъмин менамояд. Ӯ ҳақ дорад огоҳ кунад, дар ҳолатҳои махсус бошад - шахсеро, ки тартибро вайрон мекунад, аз толор хориҷ намояд.

7. Муҳокима метавонад бе иштироки шахси аз толор хориҷгардида низ идома дода шавад.

### Моддаи 63. Протоколи муҳокимаи шифоҳӣ

1. Ҳангоми муҳохимаи шифоҳӣ протокол тартиб дода мешавад.

2. Дар протоколи муҳокимаи шифоҳӣ бояд ин чизҳо зикр карда шаванд:

- мавзӯи муҳокимаи шифоҳӣ, шарҳи мухтасари аризаи пешниҳодшуда;

- номи мақомоти маъмурӣ;

- вақт ва ҷойи гузаронидани ҷаласа;

- фамилия, ном, номи падар ва мансаби раисикунанда, тарафҳои манфиатдор, коршиносон, шоҳидон;

- шарҳи мухтасари натиҷаҳои азназаргузаронии объект, ҷое, ки ба қабули санади маъмурӣ вобаста аст.

3. Протоколи муҳокимаи шифоҳиро котиб дар мӯҳлати 3 рӯз тартиб дода, онро раисикунанда ва котиб имзо мекунанд.

4. Тарафҳои манфиатдори дар парванда иштироккунанда ҳақ доранд бо протоколи муҳокима шинос шаванд ва дар муддати се рӯзи баъди имзои он мулоҳизаҳои худро пешниҳод намоянд.

5. Мулоҳизаҳоро нисбати протокол раисикунанда баррасӣ менамояд ва дар сурати розӣ будан бо мулоҳизаҳо онҳоро тасдиқ мекунад, вале дар сурати розӣ набудан бо онҳо дар бораи пурра ё қисман рад кардани онҳо ба таври хаттӣ хабардор мекунад. Мулоҳизаҳо ба парванда замима карда мешаванд.

### Моддаи 64. Қабули санади маъмурӣ

1. Санади маъмурӣ дар давоми 7 рӯзи баъди ба анҷом расидани муҳокима қабул карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад,

2. Тарафи манфиатдор ҳақ дорад тибқи тартиби пешбининамудаи моддаи 19 Кодекси мазкур бо санади маъмурӣ шинос шавад.

### Моддан 65. Расмаёти маъмурии расмие, ки мақомоти маьмурии коллегиалӣ анҷом медиҳад

1. Агар расмиёти маъмурии расмӣ ба тариқи коллегиалӣ баррасӣ карда шавад, ҳама аъзои мақомоти коллегиалии маъмурӣ ҳақ доранд вобаста ба ҳолатҳои парванда саволҳо диҳанд.

2. Дар овоздиҳие, ки вобаста ба қабули санади маъмурӣ гузаронида мешавад, танҳо он аъзои мақомоти коллегиалии маъмурӣ ҳаққи иштирок кардан доранд, ки дар муҳокимаи шифоҳӣ иштирок намудаанд.

## § 9. Расмиёти маъмурии оммавӣ

### Моддаи 66. Қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ бо татбиқи расмиёти маъмурии оммавӣ

1. Санади ҳуқуқки маъмурӣ тибқи тартибе, ки ин боб муқаррар намудааст, танҳо дар ҳолате қабул мегардад, ки инро қонун бевосита пешбинӣ намояд.

2. Санади ҳуқуқии маъмурӣ бо қарори мақомоти маъмурӣ, тибқи тартибе, ки ин боб муқаррар намудааст, метавонад ҳамчунин дар ҳолате қабул гардад, ки он ба манфиатҳои доираи васеи шахсон дахл дошта бошад.

3. Дар ҳолати дар қисми дуюми ин модда зикршуда, қарорро бояд шахси мансабдори мақомоти маъмурӣ бо розигии мақомоти маъмурии болоӣ (шахси мансабдор) қабул намояд.

4. Агар қонун тартиби дигаре муқаррар накарда бошад, расмиёти маъмурии оммавӣ тибқи таъиноти ин модда сурат мегиранд.

### Моддаи 67. Интишори ахбор оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои шиносоии оммавӣ

1. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ахборро оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои шиносоии оммавӣ интишор намояд.

2. Дар ахбор бояд инҳо зикр карда шаванд:

- мақомоти маъмурие, ки дар он расмиёти маъмурӣ анҷом дода мешавад ва суроғаи он. Агар бо маводи расмиёти маъмурӣ дар дигар мақомоти маъмурӣ низ шинос шудан мумкин бошад, онгоҳ ном ва суроғаи ин мақомот;

- мазмуни мухтасари аризаи маъмурӣ ё (ва) қарори мақомоти маъмурӣ оид ба оғози расмиёти маъмурӣ;

- мӯҳлатҳои қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ;

- мӯҳлати пешниҳоди мулоҳизаҳо ва пешниҳодҳои худ.

### Моддаи 68. Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки барои шиносоии оммавӣ аз тарафи мақомоти маъмурӣ пешниҳод карда мешаванд

1. Мақомоти маъмурӣ барои шиносоии оммавӣ бояд номгӯи ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

- аризаи маъмурӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашаванда, инчунин қарори мақомоти маъмурӣ оид ба оғози расмиёти маъмурӣ;

- фикру мулоҳиза, ки ба мақомоти маъмурӣ вобаста ба ин изҳорот пешниҳод шудааст;

- номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки барои шиносоии оммавӣ пешниҳод карда мешаванд.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд бо ҳуҷҷатҳои барои шиносоии оммавӣ ба мақомоти маъмурӣ пешниҳодгардида, ки дар он расмиёти маъмурии оммавӣ сурат мегиранд, бе монеа шинос шаванд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё бо қарори асосноки мақомоти маъмурӣ ҳуҷҷатҳои расмиёти маъмурии оммавӣ барои шиносоии оммавӣ метавонанд ҳамчунин дар дигар мақомоти маъмурӣ бо розигии он пешниҳод карда шаванд.

3. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд нусхаҳои ҳуҷҷатҳои барои шиносоии оммавӣ пешниҳодгардидаро бо ҷуброни хароҷоти тайёр кардани нусхаҳо талаб намоянд.

### Моддаи 69. Тартиби пешниҳоди таклифҳо

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд пешниҳодҳои худро дар шакли хаттӣ дар муддати 20 рӯзи баъди барои шиносоии оммавӣ пешниҳод гардидани хабар оид ба қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ ё лоиҳаи санади ҳуқуқии маъмурӣ манзур намоянд.

2. Ин ҳуқуқ бояд дар хабар оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои шиносоии оммавӣ зикр карда шавад.

3. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст дар ҳуҷҷат рӯзи бақайдгирии онро зикр намояд.

4. Мақомоти маъмурӣ пешниҳодҳои манзурнамудаи шахсони манфиатдорро дар давоми як рӯзи баъди бақайдгирӣ ба дигар мақомоти маъмурии дахлдор мефиристад.

### Моддаи 70. Муҳокимаи шифоҳӣ дар расмиёти маъмурии оммавӣ

Дар чараёни расмиёти маъмурии оммавӣ бояд муҳокимаи шифоҳӣ тибқи тартиби мӯқаррарнамудаи моддаҳои 61-64 Кодекси мазкур баргузор карда шавад.

### Моддаи 71. Қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ ҳангоми расмиёти маъмурии оммавӣ

1. Мақомоти маъмурӣ дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯзи баъди баргузор гардидани муҳокимаи шифоҳӣ санади ҳуқуқии маъмуриро қабул менамояд.

2. Санади ҳуқуқии маъмурие, ки дар асоси расмиёти маъмурии оммавӣ қабул гардидааст, бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 17 Кодекси мазкур ҳатман интишор карда шавад.

3. Агар дар қонун имконияти ба таъхир гузоштани қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ пешбинӣ гардида бошад, мақомоти маъмурӣ ба таъхир гузоштани қабули ин санади ҳуқуқии маъмуриро пешакӣ эълон мекунад.

## БОБИ 4. ИҶРОИ САНАДИ МАЪМУРӢ

### Моддаи 72. Мақомоти маъмурии ваколатдоре, ки санади ҳуқуқии маъмуриро барои иҷроиш равон мекунад

1. Санади маъмуриро мақомоти маъмурие, ки онро қабул намудааст, ичро мекунад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

2. Мавриди иҷро қарор додани санади маъмурӣ бо супориши мақомоте, ки санади маъмуриро қабул намудааст, метавонад аз ҷониби мақомоти маъмурии поёнӣ ё дигар мақомоти маъмурӣ сурат гирад. Дар ин ҳолат талаботи боби 1 Кодекси мазкур нисбат ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз тарафи мақомоти маъмурӣ татбиқ мегардад.

3. Мақомоти маъмурӣ метавонад ваколатро оид ба гардиши ичрои санади маъмурӣ якдафъаина ё ба мӯҳлати муайян ба дигар мақомоти маьмурӣ вогузор

намояд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

4. Ҳуқуқи мавриди иҷро қарор доданро танҳо шахси мансабдоре дорад, ки мавриди иҷро қарор додани санади маъмуриро вазифаи хизматиаш ба зиммаи ӯ вогузор намудааст.

### Моддаи 73. Тартиби гардиши иҷрои санади маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурии масъул оид ба мавриди иҷро қарор додан ӯҳдадор аст, ки ваколатҳои бо қонун ба зиммааш вогузоршударо танҳо дар доирае, ки барои таъмини мавриди иҷро қарор додани санади маъмурӣ заруранд, анҷом диҳад.

2. Ваколатҳои мақомоти маъмурии масъул оид ба мавриди иҷро қарор додани санади маъмурӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти маъмурии болоӣ маҳдуд карда шаванд.

### Моддаи 74. Боздоштани иҷрои санади маъмурӣ

Бо дархости тарафи манфиатдор мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст, ки иҷрои санади маъмуриро дар ҳолатҳои зерин боздорад:

- фавти шахс ё азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ, агар ин муносибати ҳуқуқӣ ворисияти ҳуқуқиро раво донад;

- бо тартиби судӣ мавриди баҳс қарор додани санади маъмурӣ, дар ҳолате, ки чунин баҳсро қонун иҷозат диҳад;

- пешниҳоди шикояти маъмурӣ ба мақомоти маъмурӣ нисбати санади маъмурӣ.

### Моддаи 75. Мӯҳлатҳои боздоштани иҷрои санади маъмурӣ

1. Иҷрои санади маъмурӣ дар ҳолатҳои зерин боздошта мешавад:

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи банди 1 моддаи 74 Кодекси мазкур то муайян намудани вориси ҳуқуқии шахс;

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи бандҳои 2 ва 3 моддаи 74 Кодекси мазкур,то эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд ё таъиноти суд дар бораи рад кардани қонеъгардонии даъво ё қарори мақомоти маъмурӣ дар бораи рад кардани қонеъгардонии шикояти маъмурӣ.

2. Иҷрои санади маъмурӣ бо ташаббуси мақомоти маъмурӣ баъди бартараф гардидани ҳолатҳое, ки боиси боздоштани он гардидаанд, барқарор карда мешавад.

### Моддаи 76. Ба таъхир андохтани иҷрои санади маъмурӣ

Дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳое, ки дар натиҷаи онҳо иҷрои таъхирнопазири санади маъмурӣ имконпазир нест, мақомоти маъмурӣ, ки санади маъмуриро қабул кардааст, метавонад иҷрои ин санадро ба мӯҳлати то як моҳ ба таъхир андозад.

### Моддаи 77. Қатъ памудани иҷрои санади маъмурӣ

Мақомоти маъмурие, ки санади маъмуриро қабул кардааст, иҷрои онро дар ҳолатҳои фавти шахс ё барҳамдиҳии шахси ҳуқуқие, ки нисбати ӯ санади маъмурӣ қабул гардидааст, қатъ менамояд.

### Моддаи 78. Мӯҳлати иҷрои санади маъмурӣ

1. Санади маъмурӣ дар муддати як моҳи баъд аз қабул гардиданаш бояд ба иҷро расонида шавад. Мақомоти маъмурӣ дар ҳолатҳои мавҷуд будани сабабҳои узрнок метавонад мӯҳлати ичрои санади маъмуриро дароз намояд.

2. Дар сурати боздоштани иҷрои санади маъмурӣ тибқи моддаи 15 Кодекси мазкур ҷараёни мӯҳлати иҷро то муқаррар гардидани ҳолатҳое, ки асоси боздоштан гардидаанд, боздошта мешавад.

3. Дар сурати ба таъхир андохтани иҷрои санади маъмурӣ тибқи моддаи 76 Кодекси мазкур ҷараёни мӯҳлати иҷро то гузаштани мӯҳлати ба таъхир аыдохтаы боздошта мешавад.

4. Барои иҷрои намудҳои алоҳидаи санадҳои маъмурӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мӯҳлатҳои дигарро муқаррар кунад.

5. Талаботи ин модда дар ҳолати қасдан вайрон кардани мӯҳлати иҷрои санади маъмурӣ аз ҷониби мақомоти маъмурӣ татбиқ карда намешавад.

### Моддаи 79. Ҳатмӣ будани иҷрои талаботи мақомоти маъмурии ваколатдор

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд талаботи қонунии мақомоти маъмурии ваколатдорро дар мавриди иҷрои санади маъмурӣ иҷро кунанд.

2. Агар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре муқаррар накарда бошанд, шахс ҳақ дорад аз иҷрои талаботе, ки бо иҷрои санади маъмурӣ вобаста аст, саркашӣ намояд, ба шарте, ки ин хилофи ӯҳдадориҳое бошад, ки қонун ба зиммаи ӯ вогузор намудааст, ё боиси ошкор гардидани сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё шахсӣ шавад, ки ӯҳдадории риояи онро қонун ба зиммаи ӯ гузоштааст.

### Моддаи 80. Қарор оид ба татьмини иҷро

1. Мақомоти маъмурӣ бо мақсади иҷрои санади маъмурӣ метавонад нисбати дигар шахсон ягон амали пешбининамудаи қонунро танҳо дар сурати қабул гардидани қарор дар бораи таъмини иҷро анҷом диҳад.

2. Қарор дар бораи таъмини иҷро дар шакли хаттӣ, ба истиснои асосҳое, ки дар қисми дуюми моддаи 81 Кодекси мазкур омадааст, таҳия мегардад ва санади маъмурӣ мебошад.

3. Қарор дар бораи таъмини иҷро метавонад дар дохили матни санади маъмурие, ки бояд ичро гардад, зикр шуда бошад.

4. Дар қарор дар бораи таъмини иҷро бояд санади маъмурие, ки ҷиҳати иҷрои он қарор қабул гардидааст, зикр карда шавад.

5. Дар қарор дар бораи таъмини иҷро бояд воситаи барои таъмини иҷро истифодашавандае, ки моддаи 84 Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст, зикр карда шавад.

6. Дар сурати ғайриимкон будани истифодаи як воситаи таъмини иҷро бояд санади маъмурӣ дар бораи истифодаи дигар воситаи иҷро қабул карда шавад.

7. Дар қарор дар бораи таъмини иҷро бояд андозаҳо ва тартиби ҷуброни хароҷот зикр карда шавад. Мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад мутобиқ ба амалҳое, ки бо мақсади иҷрои санади маъмурӣ анҷом додааст, минбаъд андозаи хароҷотро тағйир диҳад.

## Моддаи 81. Расмиёти маъмурӣ вобаста ба қабули қарор дар бораи таъмини иҷро

1. Нисбати расмиёти маъмурие, ки бо қабули қарор дар бораи таъмини иҷро вобаста мебошад, талаботи муқаррарнамудаи моддаҳои 44-48 Кодекси мазкур истифода намегарданд.

2. Дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ҳангоме ки ба амнияти давлат ё ҷамъият, саломатии аҳолӣ, ҳаёти одамон хатар таҳдид менамояд, қарор дар бораи таъмини иҷро метавонад дар шакли шифоҳӣ, тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 12 Кодекси мазкур қабул гардад.

## Моддаи 82. Мӯҳлати иҷрои ихтиёрии санади маъмурӣ

1. Ба шахсе, ки нисбати ӯ воситаи таъмини иҷро истифода мегардад, бояд барои иҷрои ихтиёрии санади маъмурӣ мӯҳлат дода шавад.

2. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст аниқ муайян намояд, ки иҷрои кадом амал бо мақсади иҷрои санади маъмурӣ ба шахс супурда мешавад.

3. Нисбати шахсе, ки талаботи санади маъмуриро дар мӯҳлати муқарраргардида иҷро кардааст, воситаи таъмини иҷро истифода карда намешавад. Талаботи дахлдорро дар мӯҳлати муқарраргардида иҷро намудани шахс барои аз эътибор соқит донистани қарор дар бораи иҷро асос мебошад.

## Моддаи 83. Ҷуброни хароҷоти вобаста ба иҷрои санади маъмурӣ

Ба зиммаи шахсе, ки мӯҳлати барои иҷрои ихтиёрии санади маъмурӣ муқаррарнамудаи мақомоти маъмуриро гузаронидааст, ҷуброни хароҷоти санади маъмурӣ гузошта мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре муқаррар накарда бошад.

## Моддаи 84. Воситаҳои таъмини иҷрои санади маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад баъди гузаштани мӯҳлате, ки ба шахс барои иҷрои ихтиёрии санади маъмурӣ муайян намудааст, бо мақсади иҷрои санади маъмурӣ яке аз воситаҳои зерини таъмини иҷроро истифода намояд:

- вогузор кардани иҷрои санади маъмурӣ ба шахси дигар;

- ҷарима.

2. Мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад танҳо воситаи таъмини иҷрои дар қарор дар бораи таъмини иҷро пешбинигардидаро истифода намояд.

3. Истифодаи воситаи таъмини иҷро бояд баъди иҷрои санади маъмурӣ қатъ карда шавад.

### Моддаи 85. Вогузор кардани иҷрои санади маъмурӣ ба шахси дигар

1. Агар ба шахси дигар вогузор кардани иҷрои санади маъмурӣ имконпазир бошад, мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур иҷрои санадро ба шахси дигар вогузор кунад.

2. Ба шахсе, ки иҷрои санади маъмурӣ ба ӯ вогузор карда мешавад, хароҷоти иҷроро ҳамон мақомоти маъмурӣ ҷуброн менамояд. Мақомоти маъмурӣ ин хароҷотро мутобиқи қонун ё санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дахлдор ҷуброн менамояд.

### Моддаи 86. Таъмини иҷро бо ҷарима

1. Агар санади маъмурӣ ба зиммаи шахс ӯҳдадории иҷрои амали муайян ё худдорӣ намудан аз содир намудани амали муайянро вогузор намояд ва ӯ ин ӯҳдадориро иҷро накунад, ба шахс метавонад ҷарима баста шавад.

2. Маблағи ҷарима бояд бо қарор дар бораи таъмини иҷро ба андозае, ки Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муқаррар намудааст, муайян карда шавад.

3. Барои иҷро накардани ӯҳдадорӣ дар мавриди пардохти ҷарима шаҳс ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

### Моддаи 87. Заминаҳои иҷрои маҷбурии санади маъмурӣ дар шакли пардохти пулӣ

1. Санади маъмурие, ки ба зиммаи шахс ӯҳдадории пардохтани маблағи муайянро вогузор мекунад, дар асоси варақаи иҷроия мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешавад.

2. Санади маъмурие, ки ба зиммаи шахс ӯҳдадории пардохтани маблағи муайянро вогузор мекунад, бо тартиби маҷбурӣ иҷро карда мешавад, агар он дар шакли хаттӣ бо риояи талаботи моддаи 13 Кодекси мазкур қабул гардида, шахс хаттӣ огоҳонида шуда бошад. Талаботи моддаи 86 Кодекси мазкур нисбати ин намуди иҷро истифода намегарданд.

### Моддаи 88. Шикоят кардан аз болои қарор дар бораи таъмини иҷро

1. Тарафи манфиатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур, аз болои қарор дар бораи таъмини иҷро шикоят оварда метавонад.

2. Агар воситаи таъмин ва мӯҳлати иҷрое, ки бо қарор дар бораи таъмини иҷро муқаррар гардидааст, бевосита аз санади маъмурии бо мақсади иҷрои он қабулгардида, барояд, аз болои ин қарор танҳо якҷоя бо санади маъмурии дахлдор шикоят кардан мумкин аст.

## БОБИ 5. МУРОФИАИ РАСМИЁТИ МАЪМУРӢ ДАР ДОХИЛИ МАҚОМОТИ МАЪМУРӢ ВОБАСТА БА ШИКОЯТИ МАЪМУРӢ АЗ БОЛОИ САНАДИ МАЪМУРӢ

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929)*

### Моддаи 89. Ҳуқуқл шикоят кардан аз болои санади маъмурӣ

1. Тарафи манфиатдор аз болои санади маъмурие, ки мақомоти маъмурӣ қабул намудааст, ҳақ дорад шикоят оварад.

2. Аз тарафи мақомоти маъмурӣ вайрон кардани мӯҳлати муқарраргардидаи қабули санади маъмурӣ рад намудани қабули санади маъмурӣ эътироф карда мешавад ва аз болои он бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин боб шикоят карда мешавад.

### Моддаи 90. Мақомоти маъмурие, ки шикояти маъмуриро баррасӣ менамояд

1. Шикояти маъмуриро мақомоти маъмурие, ки санади маъмуриро қабул намудааст, дар сурати доштани роҳбари шахси мансабдор, ё воҳиди сохтории санади маъмуриро қабулнамуда, баррасӣ ва ҳал мёнамояд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

2. Аз болои санади маъмурие, ки шахси мансабдори роҳбарикунандаи мақомоти маъмурӣ қабул кардааст, ба мақомоти маъмурии болоӣ шикоят карда мешавад.

3. Аризадиҳанда барои ҳифзи ҳуқуқ ё озодиҳои поймолгардидааш ҳуқуқ дорад бидуни муроҷиат ба мақомоти маъмурӣ бо шикоят ба суд муроҷиат кунад.

### Моддаи 91. Саршавии расмиёти маъмурӣ вобаста ба шикояти маъмурӣ

1. Расмиёти маъмурӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин боб танҳо дар сурати пешниҳоди шикояти маъмурӣ ва ба қайд гирифтани он оғоз карда мешавад.

2. Шикояти маъмурӣ бояд дар шакли хаттӣ тартиб дода шавад ва ба талаботи Кодекси мазкур ҷавобгӯ бошад.

### Моддаи 92. Тартиби баррасии шикояти маъмурӣ

Расмиёти маъмурӣ вобаста ба шикояти маъмурӣ бо тартиби расмиёти маъмурии расмӣ, ки дар боби 3 Кодекси мазкур зикр шудааст, ба ғайр аз истисноҳои дар ин боб зикршуда анҷом дода мешавад.

### Моддаи 93. Баррасӣ ва ҳалли шикояти маъмурӣ аз ҷониби мақомоти маъмурии коллегиалӣ

Ҳангоми баррасӣ ва ҳалли шикояти маъмурӣ аз ҷониби мақомоти маъмурии коллегиалӣ низ тартиби муқаррарнамудаи боби 3 Кодекси мазкур истифода карда мсшавад.

### Моддаи 94. Мӯҳлати пешниҳоди шикояти маъмурӣ аз болои санади маъмурӣ

1. Шикояти маъмурӣ бояд дар давоми як моҳи баъди эътибори қонунӣ пайдо намудани санади маъмурӣ пешниҳод карда шавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад

2. Дар сурати гузарондани мӯҳлате, ки барои пешниҳод кардани шикоят аз болои санади маъмурӣ муқаррар карда шудааст ва агар ин мӯҳлат бо сабабҳои узрнок гузаронида шуда бошад, вале аз 1 сол зиёд набошад, он бояд барқарор карда шавад.

## Моддаи 95. Мазмуни шикокти маъмурӣ

1. Дар шикояти маъмурӣ бояд зикр карда шаванд:

- номи мақомоти маъмурие, ки ба он шикояти маъмурӣ пешниҳод карда мешавад;

- фамилия, ном, номи падар ва суроғаи шахсе, ки шикояти маъмуриро пешниҳод мекунад;

- номи мақомоти маъмурие, ки аз санади маъмурӣ ё амалҳои он шикоят оварда мешавад;

- номи санади маъмурие, ки ба он шикоят оварда мешавад;

- моҳияти талабот;

- ҳолатҳое, ки талабот ба онҳо асос ёфтааст;

- намуди расмиёти маъмурӣ барои баррасии шикояти маъмурӣ;

- номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки ба шикояти маъмурӣ замима гардидаанд.

2. Агар ба шахси шикояти маъмурӣ оварда санади маъмурӣ супурда шуда бошад, нусхаи он ба шикояти маъмурӣ замима карда мешавад.

## Моддаи 96. Рад кардани баррасии шикояти маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурӣ шикояти маъмуриро баррасӣ намекунад, агар:

- ҳалнома ё таъиноти суд дар бораи аз даъво даст кашидани даъвогар оид ба ҳамон мавзӯи баҳс, дар бораи даъворо эътироф намудани ҷавобгар ё тасдиқи созиши оштии тарафҳо мавҷуд бошад;

- парванда дар бораи баҳси байни ҳамон тарафҳо, доир ба ҳамон мавзӯъ ва ҳамон асос дар мурофиаи судӣ бошад;

- қарори ин мақомот ё мақоми маъмурии болоӣ доир ба ҳамин масъала мавҷуд бошад;

- дар мақомоти маъмурии болоӣ расмиёти маъмурӣ доир ба ҳамин шикояти маъмурӣ дар баррасӣ бошад;

- баррасии шикояти маъмурӣ дар тобеияти мақомоти маъмурӣ набошад;

- шикояти маъмурӣ аз ҷониби шахсе пешниҳод шуда бошад, ки ба пешниҳоди чунин шикояти маъмурӣ ҳуқуқ надорад;

- мӯҳлате, ки қонун барои пешниҳоди шикояти маъмурӣ муқаррар намудааст, гузашта бошад;

- шикоятдиҳанда то баррасии ариза вафот карда бошад ё шахси ҳуқуқӣ барҳам хӯрда бошад.

2. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст то қабули қарор дар бораи рад кардани баррасии шикояти маъмурӣ ба шахси шикояти маъмурӣ оварда имконият диҳад, ки нуқтаи назари худро доир ба масъалаи зикршуда пешниҳод намояд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

## Моддаи 97. Мӯҳлати баррасии шикояти маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурии ваколатдор ӯҳдадор аст, ки шикояти маъмуриро баррасӣ намояд ва дар мӯҳлати як моҳ қарори дахлдор қабул кунад, агар крнунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, агар барои муқаррар намудани ҳолатҳое, ки барои парванда аҳамияти ҷиддӣ доранд, мӯҳлате зарур бошад, ки аз мӯҳлати барои баррасии шикояти маъмурӣ муқаррарнамудаи қонун зиёд аст, мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад дар бораи дароз кардани мӯҳлати баррасии шикояти маъмурӣ қарори асоснок қабул намояд.

3. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст, ки қарори дар қисми дуюми ин модда зикршударо на дертар аз 7 рӯз баъди оғози расмиёти маъмурӣ қабул кунад ва дар ин бора фавран шахси шикояти маъмурӣ овардаро огоҳ намояд.

4. Мӯҳлати баррасии шикояти маъмурӣ метавонад на бештар аз як моҳ дароз карда шавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистои тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

## Моддаи 98. Боздоштани амали санади маъмурӣ дар сурати овардани шикоятм маъмурӣ

1. Амали санаде, ки аз он шикоят оварда шудааст, аз лаҳзаи ба қайд гирифтани шикояти маъмурӣ боздошта мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистои тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

2. Амали санади маъмурӣ боздошта намешавад, агар:

- ин боиси хеле зиёд шудани хароҷоти мақомоти маъмурӣ гардад;

- он санади маъмурие бошад, ки вобаста ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ қабул гардидааст;

- он дар вақти ҳолати фавқулодда ё ҳарбӣ дар асоси қонуни дахлдор қабул гардида бошад;

- ба таъхир гузоштани иҷрои он барои тартиботи ҷамъиятӣ ё амният таҳдиди ҷиддӣ ба вуҷуд оварад.

3. Тарафи манфиатдор тибқи тартиби муқарраргардида ҳақ дорад, ки дар мавриди барқарор намудани амали санади маъмурии боздошташуда ба мақомоти маъмурӣ дархост пешниҳод кунад.

## Моддаи 99. Ҳуқуқи тағйир додан, беэътибор донистан ё аз эътибор соқит донистани санади маъмурӣ

1. Пешниҳоди шикояти маъмурӣ ҳуқуқи мақомоти маъмуриро, ки санади маъмуриро қабул намудааст, ба тағйир додан, беэътибор донистан ё аз эътибор соқит донистани он тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур маҳдуд намесозад.

2. Дар сурати тағйир додан, беэътибор донистан ё аз эътибор соқит донистани санади маъмурӣ мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст, ки дар муддати 5 рӯз мақомоти маъмуриеро, ки шикояти маъмуриро баррасӣ мекунад, дар ин бора огоҳ намояд.

## Моддаи 100. Уҳдадории қабули санади маъмурӣ

1. Агар шикояти маъмурӣ вобаста ба вайрон кардани мӯҳлати барои қабули санади маъмурӣ муқарраргардида оварда шуда бошад, овардани шикояти маъмурӣ ӯҳдадориҳои мақомоти маъмурии дахлдорро дар мавриди қабули санади маъмурӣ, ба истисноı ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун, бознамедорад.

2. Дар сурати қабули санади маъмурӣ аз ҷониби мақомоти маъмурии дахлдор расмиёти маъмурӣ доир ба шикояти маъмурӣ бо сабаби қабул нагардидани санади маъмурӣ бояд қатъ карда шавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

## Моддаи 101. Давом додани расмиёти маъмурӣ дар сурати тағйир додан ё аз эътибор соқит донистани санади маъмурӣ

Дар сурати тағйир додан ё аз эътибор соқит донистани санади маъмурӣ мақомоти маъмурие, ки санади маъмурии ба он шикоятовардаро қабул намудааст, бо талаби тарафи манфиатдор, ки мехоҳад санади маъмурии тағйирдодашуда ё аз эътибор соқит донисташударо беэътибор донистa шавад, бояд баррасии шикояти маъмуриро давом диҳад.

## Моддаи 102. Даст кашидан аз шикояти маъмурӣ

1. Шахсе, ки шикояти маъмуриро овардааст, то аз ҷониби мақомоти маъмурӣ қабул гардидани қарор ҳақ дорад аз шикояти маъмурӣ даст кашад.

2. Даст кашидан аз шикояти маъмурӣ бояд дар шакли хаттӣ изҳор карда шавад. Ҳангоми муҳокимаҳои шифоҳӣ тарафи манфиатдор ҳақ дорад аз шикояти маъмурӣ даст кашидани худро изҳор намояд ва ин амал ба протокол ворид карда мешавад.

## Моддаи 103. Доираи расмиёти маъмурӣ вобаста ба шикояти маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурие, ки шикояти маъмуриро баррасӣ менамояд, шикояти маъмуриро дар доираи талаботи дар он зикршуда баррасӣ мекунад, агар санадҳои ҳуқуқии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошанд.

2. Дар сурати имконнопазир будани қабули қарор танҳо нисбати қисми санади маъмурие, ки аз болои он шикоят пешниҳод шудааст, мақомоти маъмурие, ки шикояти маъмуриро бо розигии хаттии аризадиҳанда баррасӣ менамояд, нисбати санади маъмурӣ дар маҷмӯъ қарор қабул мекунад, вале дар сурати розӣ набудани ин шахс дар бораи баррасӣ накардани шикояти маъмурӣ қарор қабул менамояд.

### Моддаи 104. Иштироки мақомоти маъмурии санади маъмуриро қабулкарда дар расмиёти маъмурӣ вобаста ба шикояти маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурие, ки ваколати баррасии шикоятро дорад, дар давоми 5 рӯзи баъди бақайдгирӣ нусхаи шикояти маъмуриро бо замимаи ҳуҷҷатҳо ба мақомоти маъмурие, ки санади маъмуриро қабул намудааст, мефиристад.

2. Мақомоти маъмурие, ки санади маъмурии аз болои он шикоят овардашударо қабул кардааст, ӯҳдадор аст дар давоми 5 рӯзи баъди гирифтани нусхаи шикояти маъмурӣ ба мақомоти маъмурие, ки шикоятм маъмуриро баррасӣ мекунад, ҳамаи маводи расмиёти маъмуриро вобаста ба ин санади маъмурӣ ва хулосаи хаттиро дар бораи шикояти маъмурӣ пешниҳод кунад.

3. Мақомоти маъмурии санади маъмуриро қабулкарда ҳангоми расмиёти маъмурӣ тамоми ҳуқуқҳо ва ваколатҳои тарафи манфкатдорро дорост, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро муқаррар накарда бошад.

4. Мақомоти маъмурие, ки санади маъмуриро қабул кардааст, дар расмиёти маъмурӣ бояд ҳамчун намоянда ҳамон шахси мансабдори ҳамин мақомотро пешниҳод намояд, ки ҳуқуқи қабули санади маъмуриро дорад.

5. Дигар шахси мансабдори ин мақомоти маъмурӣ метавонад танҳо бо розигии мақомоти маъмурие, ки шикояти маъмуриро баррасӣ менамояд, намоянда шавад.

### Моддаи 105. Пешниҳод кардани иттилооти иловагӣ аз ҷониби тарафҳои манфиатдор

Тарафе, ки шикояти маъмуриро пешниҳод кардааст, инчунин дигар тарафи манфиатдор иттилооти иловагии бо парванда алоқамандро ва дертар аз 5 рӯз то гузаронидани муҳокимаҳои шифоҳӣ пешниҳод мекунад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

### Моддаи 106. Шиносоӣ бо маводи расмиёти маъмурӣ

1. Тарафҳои дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда мутобиқи моддаи 48 Кодекси мазкур бо маводи расмиёти маъмурӣ шинос мешаванд.

2. Мақомоти маъмурие, шикояти маъмуриро баррасӣ мекунад, ӯҳдадор аст, ки бо ташаббуси худ ё бо дархости яке аз тарафҳо иттилооти дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё шахсиро ба тарафҳои манфиатдор надиҳад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

### Моддаи 107. Тартиби баргузор кардани муҳокимаи шифоҳӣ

Муҳокимаи шифоҳӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи боби 3 Кодекси мазкур баргузор карда мешавад.

Муҳокимаи шифоҳӣ ошкоро гузаронида мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

### Моддаи 108. Баррасӣ ва ҳалли шихояти маъмурӣ бе муҳокимаи шифоҳӣ

Агар ҳама тарафҳои манфиатдори дар расмиёти маъмурӣ ишгироккунанда ба баррасии парванда бе муҳокимаи шифоҳӣ розӣ бошанд, мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад шикояти маъмуриро бе муҳокимаи шифоҳӣ баррасӣ ва ҳал намояд.

### Моддаи 109. Огоҳ намудани тарафҳо дар бораи ҳолатҳои нав ошкоршуда

Агар ба мақомоти маъмурие, ки шикояти маъмуриро баррасӣ мекунад, баъди муҳокимаи шифоҳӣ ҳолатҳои наве маълум гарданд, ки барои парванда аҳамияти ҷиддӣ доранд, дар ин бора бояд тарафҳои манфиатдори дар расмиёти маъмурӣ иштироккунанда огоҳ карда шаванд ва ба онҳо бояд имкон дода шавад, ки нуқтаи назари худро доир ба ин масъала пешниҳод кунанд.

### Моддаи 110. Қарори мақомоти маъмурӣ вобаста ба баррасии шикояти маъмурӣ

Мақомоти маъмурӣ дар натиҷаи баррасии шикояти маъмурӣ яке аз қарорҳои зеринро қабул мекунад:

- дар бораи қонеъ гардонидани шикояти маъмурӣ;

- дар бораи рад намудани қонеъгардонии шикояти маъмурӣ;

- дар бораи қисмаи қонеъ гардонидани шикояти маъмурӣ.

### Моддаи 111. Қабули санади маъмурӣ вобаста ба шикояти маъмурӣ

Қарори мақомоти маъмурии дар натиҷаи баррасии шикояти маъмурӣ қабулнамуда санади маъмурӣ мебошад ва бояд ба талаботе, ки Кодекси мазкур нисбати санади маъмурӣ муқаррар намудааст, ҷавобгӯ бошад.

### Моддаи 112. Тағйир додан, беэътибор донистан ё аз эътибор соқит донистани санади маъмурие, ки аз болои он шикоят оварда шудааст ва қабули санади нави маъмурӣ

1. Мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад санади маъмуриеро, ки аз болои он шикоят пешниҳод шудааст, беэътибор ё аз эътибор соқит донад, инчунин ба он тағйирот ворид кунад.

2. Мақомоти маъмурӣ ҳақ дорад санади маъмуриро беэътибор ё аз эътибор соқит надонад, агар ҳангоми қабули он ба хатоҳои имлоӣ ва ё арифметикие, ки дар қисми якуми моддаи 20 Кодекси мазкур пешбинӣ гардидааст, роҳ дода шуда бошад.

3. Мақокоти маъмурии шикояти маъмуриро баррасикунанда ба ҷойи санади маъмурие, ки беэътибор ё аз эътибор соқит дониста шудааст, худаш, санади маъмурии навро бо талаби шахси шикоят пешниҳодкарда қабул менамояд, агар

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

4. Мақомоти маъмурии санади маъмуриро баррасикунанда ҳақ надорад худаш санади маъмурӣ қабул кунад, агар мутобиқи қонун ба қабул кардани он танҳо мақомоти маъмурие ҳуқуқ дошта бошад, ки санади маъмурии аз он шикоят пешниҳодшударо қабул намудааст.

### Моддаи 113. Хароҷоти расмиёти маъмурӣ вобаста ба баррасии шикояти маъмурӣ

1. Ҳангоми баррасии шикояти маъмурӣ ситонидани боҷ манъ аст.

2. Ҳар як тараф ӯҳдадор аст хароҷоти он амалҳоеро ҷуброн намояд, ки дар бораи баррасии онҳо ҳамин тараф дархост пешниҳод кардааст.

## БОБИ 6. МУРОФИАИ РАСМИЁТИ МАЪМУРӢ ДАР СУД

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929)*

### § 1. Муқаррароти асосии мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929)*

### Моддаи 114. Доираи танзим

1. Боби мазкур тартиби мурофиавии баррасӣ ва ҳалли баҳсҳоро вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқие, ки Кодекси мазкур пешбинӣ мекунад, аз ҷониби судҳои салоҳияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

2. Дар мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд муқаррароти Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд агар ин боб тартиби дигареро муқаррар накарда бошад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

### Моддаи 115. Тобеияти судӣ

1. Мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи ин боб дар судҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ баҳсҳои вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз Кодекси мазкур бармеоянд, баррасӣ карда мешаванд.

2. Дар мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд баҳсҳои зерин метавонанд баррасӣ гарданд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*):

- мутобиқати санади ҳуқуқии маъмурӣ ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ӯҳдадории мақомоти маъмурӣ оид ба ҷуброни зарар;

- ӯҳдадории мақомоти маъмурӣ оид ба қабули санади маъмурӣ ё анҷомдиҳии ягон амали дигар тибқи расмиёти маъмурӣ.

3. Даъво бояд ба суде пешниҳод карда шавад, ки барои баррасӣ ва ҳалли парвандаи маъмурӣ салоҳият дорад.

4. Дар сурати вайрон гардидани қоидаҳои тобеияти судӣ суд даъворо ба суд аз рӯи тобеият ирсол намуда, дар ин бора даъвогарро огоҳ менамояд.

5. Баҳси байни судҳо оид ба тобеяти судӣ бо таъиноти асосноки суди зинаи болоӣ ҳал карда мешавад.

### Моддаи 116. Принсипи диспозитивӣ

1. Дар мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд тарафҳо аз ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дар моддаи 37 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда истифода мебаранд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

2. Мақомоти маъмурии дар мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд иштироккунанда метавонад парвандаро бо созиши оштии тарафҳо ба анҷом расонад, аз даъво даст кашад ё даъворо танҳо дар сурате эътироф намояд, ки ин хилофи қонун набошад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

### Моддаи 117. Норавоии иштироки такрории судя дар баррасии парванда

Агар судя пештар дар расмиёти маъмурӣ ё дар мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд доир ба ин парванда иштирок карда бошад, наметавонад дар баррасии парванда иштирок намояд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

## § 2. Тарафҳо дар мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929)*

### Моддаи 118. Иштироки мақомоти маъмурӣ дар мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929)*

Дар мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд ба ғайр аз шахсоне, ки дар моддаи 36 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд мақомоти маъмурие, ки санади меъёрии ҳуқуқиро қабул кардааст ё ягон амалеро анҷом додааст, ки боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад, иштирок мекунад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

### Моддаи 119. Ба мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд ҷалб намудаии шахсони сеюм

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929)*

1. Суд то ба анҷом расидани мурофиаи расмиёти маъмурӣ ҳақ дорад шахсонеро, ки қарори суд ба манфиатҳои онҳо метавонад дахлдор бошад, дар бораи оғози мурофиаи расмиёти маъмурӣ огоҳ намояд ва онҳоро ба сифати шахсони сеюм ҷалб кунад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

2. Дар хусуси ҷалб намудани шахси сеюм суд таъинот мебарорад.

## § 3. Далелҳои судӣ

### Моддаи 120. Ӯҳдадории исбот

1. Даъвогар ӯҳдадор аст даъвои худро асоснок намояд ва далелҳои дахлдор пешниҳод кунад. Ҷавобгар ӯҳдадор аст эродҳои худро асоснок намояд ва далелҳои дахлдор пешниҳод кунад.

2. Ӯҳдадории исбот дар сурати пешниҳод гардидани даъво беэътибор донистан ё аз эътибор соқит донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ ба зиммаи ҷавобгар вогузор мегардад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

## Моддаи 121. Шоҳид ва коршинос

1. Суд ӯҳдадор аст дар мӯҳлати на камтар аз се рӯз қабл аз баёнот додани шоҳид дар суд тарафро оид ба шахсияти шоҳид, вакт ва ҷойи баёнот додани ӯ огоҳ намояд.

2. Дар бораи таъинот оид ба таъин намудани экспертиза, бояд ҳама тарафҳо огоҳ карда шаванд. Агар суд мӯҳлати дигаре муқаррар накарда бошад, тараф ҳақ дорад дар давоми се рӯзи баъди қабули таъинот эродҳои худро оид ба предмет ва ҳаҷми экспертиза пешниҳод кунад.

3. Хулосаи коршинос бояд ба тарафҳое, ки ҳуқуки пешниҳод кардани эродҳоро доронд, фиристода шавад.

## Моддаи 122. Талаб кардани далелҳо аз тарафи суд

1. Суд бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо ташаббуси худ далелҳоро талаб карда гирад.

2. Тарафҳо ҳақ доранд қабл аз таҳқиқ ва тафтиши далелҳо норозигии худро нисбат ба онҳо пешниҳод кунанд.

## Моддаи 123. Ӯҳдадории мақомоти маъмурӣ оид ба пешниҳоди иттилоот ба суд

1. Мақомоти маъмурӣ ӯҳдадоранд бо талаби суд ҳуҷҷатҳо ва дигар иттилооти барои баррасӣ ва ҳалли парванда заруриро ба суд пешниҳод кунанд.

2. Мақомоти маъмурӣ метавонад оид ба рад намудан аз пешниҳоди иттилооти дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё шахсӣ арз намояд, агар ин ба амнияти давдатӣ ё ҷамъиятӣ ё ки ба манфиати қонунии шахсони алоҳида таҳдид кунад.

3. Судя бо дархости тараф метавонад оид ба қонунӣ будани ради мақомоти маъмурӣ аз пешниҳоди иттилоот тибқи қисми дуюми моддаи мазкур таъинот қабул кунад. Дар сурати аз ҷониби суд ғайриқонунӣ эътироф гардидани ради пешниҳоди иттилоот мақомоти маъмурӣ ӯҳдадор аст ҳуҷҷатҳо ё дигар иттилооти дахлдорро пешниҳод намояд.

## Моддаи 124. Шинос шудан бо санадҳои судӣ

1. Шахсони иштирокчии парванда метавонанд дар суд бо санадҳои судии оид ба парванда қабулгардида, инчунин бо маводи ба суд пешниҳодшуда шинос шаванд.

2. Тараф ҳақ дорад нусхаҳои санадҳои судии оид ба парванда қабулгардидаро тавассути шӯъбаи коргузории суд гирад. Харочоти барои нусхабардорӣ зарурииро тараф ҷуброн менамояд. Талаби пардохти дигар маблағи барои нусхабардорӣ мумкин нест.

### § 4. Мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суди зинаи аввал

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929)*

### Моддаи 125. Даъво оид ба беэътибор донистан ё аз эътибор соқит донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Даъво метавонад бо талаби беэътибор донистан ё аз эътибор соқит донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ пешниҳод карда шавад.

2. Даъво дар сурате пешниҳод карда мешавад, ки санади ҳуқуқии маъмурӣ ё қисми он ба ҳуқуқ ё манфиатҳои қонунии даъвогар зарари мустақим ва бевосита (инфиродӣ) мерасонад ё ғайриқонунӣ ҳуқуқҳои ӯро маҳдуд месозад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

3. Даъво бояд дар муддати шаш моҳи баъди шинос шудан бо санади ҳуқуқии маъмурӣ ё қароре, ки мутобиқан бо шикояти маъмурӣ вобаста аст, пешниҳод карда шавад.

### Моддаи 126. Даъво оид ба қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Даъво метавонад бо талаби қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ пешниҳод карда шавад.

2. Даъво дар сурате пешниҳод карда мешавад, ки рад кардани мақомоти маъмурӣ аз қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ ба ҳуқуқҳо ё манфиатҳои қонунии даъвогар зарар расонад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

### Моддаи 127. Даъво оид ба анҷомдиҳии амалҳо

1. Даъво метавонад бо талаби анҷом додани амал ё худдорӣ намудан аз чунин амале, ки қабули санади ҳуқуқии маъмуриро дар назар надорад, пешниҳод карда шавад.

2. Даъво имконпазир аст, агар анҷомдиҳии амал аз ҷониби мақомоти маъмурӣ ё рад кардаки анҷомдиҳии амал ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии даъвогар зарар расонад.

### Моддаи 128. Даъво оид ба эътироф намудан

Даъво оид ба эътироф намудан бо талаби муқаррар намудани мавҷуд будан ё набудани ҳуқуқ ё муносибати ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад, агар даъвогар ба ин манфиати қонунӣ дошта бошад.

### Моддаи 129. Мурофиаи соддакардашудаи расмиёти маъмурӣ дар суд

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929)*

Судя ҳақ дорад, дар асоси дархости хаттии тарафҳо, дар мурофиаи судӣ даъворо дар ғайби тарафҳо баррасӣ ва ҳал намояд.

### Моддаи 130. Мурофиаи суръатноки расмиёти маъмурӣ дар суд

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929)*

1. Судя метавонад бо дархости хаттии тараф дар бораи баррасии парванда бо тартиби суръатнок қарор қабул намояд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*).

2. Дар сурати баррасии парванда бо тартиби суръатнок судя ҳақ дорад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 929*):

- ба шахсони сеюм барои пешниҳод кардани нуқтаи назари худ доир ба даъво мӯҳлат муқаррар накунад;

- мӯҳлати аз ҷониби тарафҳо пешниҳод кардани нуқтаи назари худ вобаста ба таъини экспертизаро муқаррар накунад;

- мӯҳлати аз ҷониби тарафҳо пешниҳод кардани нуқтаи назари худ дар мавриди хулосаи экспетизаро кӯтоҳ кунад.

### Моддаи 131. Боздоштани амали санади ҳуқуқии маъмурие, ки аз он шикоят карда шудааст

1. Пешниҳоди даъво ба суд амали санади ҳуқуқии маъмуриеро, ки аз он шикоят шудааст, бозмедорад.

2. Амали санади ҳуқуқии маъмурӣ боздошта намешавад, агар:

- ин ба ворид намудани андозҳо, боҷҳо ё дигар пардохтҳои ҳатмӣ вобаста бошад;

- он дар вақти ҳолати фавқулодда ё ҳарбие, ки дар асоси қонуни дахлдор эълон шудааст, қабул шуда бошад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми дуюми ҳамин модда, тараф ҳақ дорад бо дархости боздоштани амали санади ҳуқукии маъмурӣ ба суд муроҷиат намояд. Судя дар мӯҳлати се рӯз доир ба ин масъала қарор қабул мекунад.

### Моддаи 132. Таъинот оид ба боздоштани амали санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Судя метавонад бо дархости тараф амали санади ҳуқуқии маъмурӣ қисми онро дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 21 ҳамин Кодекс дар сурати вуҷуд доштани шубҳаи асоснок нисбати қонунӣ будани санади ҳуқукии маъмурӣ ва ё агар иҷрои фаврии он ба тараф зиён расонад ё риояи ҳуқуқ ё манфиатҳои қонунии онро ғайриимкон гардонад, боздорад.

2. Дархости тараф дар бораи боздоштани амали санади ҳуқуқии маъмурӣ метавонад ҳамчунин то пешниҳоди даъво низ изҳор карда шавад.

3. Судя дар мӯҳлати се рӯз дар мавриди дархости тараф қарор қабул менамояд.

4. Нусхаҳои қарори суд бояд дар давоми як рӯз ба тарафҳо фиристода шаванд.

5. Судя ҳақ дорад мӯҳлати боздории амали санади ҳуқуқии маъмурӣ ё қисми онро муқаррар кунад.

6. Агар мӯҳлат муқаррар нагардида бошад, таъиноти суд дар ҳолатҳои зерин эътибори худро гум мекунад:

- баробари эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд доир ба ин масъала;

- аз лаҳзаи даст кашидани даъвогар аз даъво ё шикояти маъмурӣ;

- аз лаҳзаи гузашнани мӯҳлати ба суд пешниҳод кардани даъво.

7. Агар санади ҳуқуқии маъмурии боздошташуда иҷро гардида бошад, суд метавонад таъинот оид ба боздоштани амали санади маъмуриро бекор кунад.

8. Дар сурати вуҷуд доштани ҳолатҳои нави маълумгардида суд ҳақ дорад дар асоси дархости тараф таъинот дар бораи боздоштани амали санади ҳуқуқии маъмуриро тағйир диҳад ё бекор кунад.

## Моддаи 133. Таъинот оид ба қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ ё анҷомдиҳии амал

1. Судя ҳақ дорад дар асоси даъвоҳое, ки дар моддаҳои 126-127 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, бо дархости тараф дар бораи қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ, дар бораи анҷомдиҳии амал ё худдорӣ намудан аз амал аз ҷониби мақомоти маъмурӣ таъинот барорад.

2. Дархости тараф метавонад ҳамчунин то пешниҳоди даъво низ изҳор карда шавад.

3. Дархости тарафро суде, ки барои баррасии даъво оид ба ин масъала салоҳият дорад, баррасӣ менамояд.

## Моддаи 134. Ҳалномаи суд нобаста ба даъво дар бораи беэътибор донистан ё аз эътибор соқит донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ

1. Агар санади ҳуқуқии маъмурӣ ғайриқонунӣ бошад, суд дар робита бо даъвое, ки дар моддаи 125 Кодекси мазкур зикр шудааст, дар бораи беэътибор донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ ҳалнома мебарарад.

2. Агар санади ҳуқуқии маъмурӣ то баровардани ҳалномаи суд иҷро гардида бошад, суд бо дархости тараф дар ҳалнома тартиби бекор кардани иҷроро зикр менамояд.

3. Дар сурати аз эътибор соқит донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ то баровардани ҳалномаи суд, суд ҳақ дорад дар сурати вуҷуд доштани манфиатҳои қонунии тараф ва бо дархости он санади ҳуқуқии маъмурии мазкурро беэътибор донад.

4. Агар суд эътироф намояд, ки санади ҳуқуқии маъмурӣ бе муайян ва арзёбӣ намудани ҳолатҳое, ки барои парванда аҳамияти зиёд доранд, қабул шудааст, он ҳақ дорад, масъалаи баҳснокро ҳал накарда, санади ҳуқуқии маъмуриро беэътибор донад ва ба мақомоти -маъмурӣ супориш диҳад, ки баъди муайян ва

арзёбӣ намудани ин ҳолатҳо санади ҳуқуқии маъмурии нав қабул намояд. Суд ин ҳалномаро мебарорад, агар барои беэътибор донистани санади ҳуқуқии маъмурии манфиати таъхирнопазири қонунии тараф вуҷуд дошта бошад.

5. Ҳалномаи суд дар бораи беэътибор донистани, санади ҳуқуқии маъмурӣ эътибори ҳангомӣ дорад. Агар беэътибор донистани санади ҳуқуқии маъмурӣ ба амнияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ сахт таҳдид намояд ё боиси хеле зиёд гардидани хароҷоти буҷети давлатӣ шавад, суд ҳақ дорад ба ҷойи беэътибор донистаии санади ҳуқуқии маъмурӣ онро аз эътибор соқит донад.

6. Қисми хулосавии ҳалномаи суд бояд бо ҳамон тартибе, ки санади ҳуқуқии маъмурӣ интишор гардида буд, интишор карда шавад.

### Моддаи 135. Ҳалломаи суд вобаста ба даъво дар бораи қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ

Агар рад кардани қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ғайриқонунӣ бошад ё мӯҳлати қабули санади ҳуқуқии маъмурӣ вайрон гардида бошад, суд вобаста ба даъвое, ки дар моддаи 126 Кодекси мазкурзикр шудааст, ҳалнома мебарорад, ки дар он ба мақомоти маъмурӣ супурда мешавад, ки санади ҳуқуқии маъмурӣ қабул карда шавад. Судя бо дархости тарафҳо мӯҳлати қабули санади ҳуқуқии маъмуриро муқаррар мекунад.

## БОБИ 7. РАСМИЁТИ МАЪМУРӢ ВОБАСТА БА ШИКОЯТИ МАЪМУРӢ БА САНАДИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ МАЪМУРӢ

### Моддаи 136. Тартиби расмиёти маъмурӣ вобаста ба шикояти маъмурӣ ба санади меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ

1. Расмиёти маъмурӣ аз рӯи шикояти маъмурӣ ба санади меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ аз ҷониби комиссияи маъмурии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ба амал бароварда мешавад.

2. Расмиёти маъмурӣ тибқи тартиби расмиёти маъмурии оддии дар боби 3 Кодекси мазкур пешбинишуда, ба истиснои расмиёти дар ин боб зикргардида, анҷом дода мешавад.

### Моддаи 137. Асосҳо барои оғози расмиёти маъмурӣ

Асосҳо барот оғози расмиёти маъмурӣ инҳоянд:

- шикояти маъмурӣ;
- санади суд;
- санади прокурор;
- ташаббуси комиссияи маъмурӣ.

### Моддаи 138. Пешниҳоди шикояти маъмурӣ

1. Шикояти маъмурие, ки ба комиссияи маъмурӣ пешниҳод карда мешавад, бояд дар шакли хаттӣ тартиб дода шавад. Шикояти маъмурӣ инҳоро дар бар мегирад:

- номи комиссияи маъмурӣ;

- фамилия, ном, номи падар ва суроғаи шахси манфиатдоре, ки шикояти маъмурӣ пешниҳод мекунад;

- моҳияти талабот;

- асоснокии талаботе, ки ба қонун асос ёфтааст;

- санаи пешниҳоди шикояти маъмурӣ ва имзои шахси манфиатдоре, ки шикояти маъмуриро пешниҳод мекунад;

- номгӯйи ҳуҷҷатҳои ба шикояти маъмурӣ замимашаванда.

2. Ба шикояти маьмурӣ бояд ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки ӯҳдадории пешниҳод кардани онҳоро қонун пешбинӣ намудааст, замима карда шаванд.

3. Шахси манфиатдоре, ки шикояти маъмуриро пешниҳод мекунад, ҳақ дорад ҳамаи дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки метавонанд барои қабули қарори комиссияи маъмурӣ асос бошанд, ба комиссияи маъмурӣ пешниҳод намояд.

## Моддаи 139. Мӯҳлат дар расмиёти маъмурӣ

Ҳангоми ҳисоби мӯҳлати расмиёти маъмурӣ тартиби муқаррарнамудаи моддаи 43 Кодекси мазкур татбиқ мегардад.

## Моддаи 140. Қабули қарори комиссияи маъмурӣ

1. Агар қонун тартиби дигаре муқаррар накарда бошад, комиссияи маъмурӣ шикояти маъмуриро баррасӣ намуда, санадҳои маъмурии зеринро қабул менамояд:

- бетағйир мондани санади меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ;

- бекор қардани санади меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ;

- бекор кардани ягон қисми санади меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ;

- уҳдадор намудани мақомоти маъмурӣ оид ба қабули санади меъёрии ҳуқуқии маъмурии дорои мазмуни дигар;

- муқаррар кардани он ки оё санади меъёрии ҳуқуқии маъмурии аз эътибор соқит донисташуда қонунӣ ё ғайриқонунӣ буд.

2. Иҷрои санади маъмурие, ки комиссияи маъмурӣ қабул намудааст, аз ҷониби мақомоти маъмурӣ дар мӯҳлатҳои муқарраркардаи санади маъмурӣ ҳатмист. Мӯҳлати мазкур наметавонад аз 2 моҳ зиёд бошад.

3. Аз болои қарори комиссияи маъмурӣ тарафи манфиатдор метавонад дар мӯҳлати 10 рӯз бо даъво ба суд муроҷиат кунад.

# БОБИ 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

## Моддаи 141. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Кодекси мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки талаботи Кодекси мазкурро вайрон мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон"

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷмуҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шавад.

Раиси

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Хайруллоев

аз 7 феврали соли 2007 № 482 ш. Душанбе

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон"

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Убайдуллоев

аз 22 феврали соли 2007 № 274

ш. Душанбе